# АРТИШ – МАКТАБИ ШУҶОАТ ВА ҶАСОРАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 1-2 (181-182) 22-ЮМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023, ЧОРШАНБЕ



**Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити ниҳоят мураккабу ҳассоси сиёсиву низомӣ ва иқтисодиву иҷтимоии таърихи мардуми тоҷик ва давлати тоҷикон таъсис дода шуданд.**

**Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори муховифати дохилӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қарзи фарзандӣ ва вазифаи хизматии худро бо садоқат ба халқу Ватан иҷро карда, дар роҳи барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба эътидол овардани вазъият, безарар гардондани гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ ва дигар унсурҳои ҷинояткор, яъне таъмин намудани волоияти қонун ва сулҳу субот дар кишвар саҳми воқеан таърихӣ гузошт.**

**Мо бо афсарону сарбозони далеру ҷасури Қувваҳои Мусаллаҳи давлати соҳибистиқлоли худ, ки фарзандони миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз ва ободгару созандаи тоҷик мебошанд, ифтихор мекунем.**

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

ДАР СУҲБАТИ ВАЗИР — с. 2

АМНИЯТИ МИЛЛӢ – АСОСИ КОМЁБИҲОИ МИЛЛАТ — с. 3

ПРОФЕССИЯ ЮРИСТА В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ — с. 5

30 СОЛИ ФАЪОЛИЯТИ ПУРСАМАРИ АРТИШИ МИЛЛӢ — с. 6

ИФТИТОҲИ СИНФХОНАҲОИ НАВИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ — с. 8

АРТИШИ МИЛЛӢ – СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ВАТАН — с. 9

МАВҚЕИ САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ — с. 10

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА БУНЁДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ — с. 12

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Қурбонализода Н.Ш.**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ;
**Саидзода Р.Ҳ.**
Вазири маориф ва илми ҶТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди муҳталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# ДАР СУҲБАТИ ВАЗИР

Санаи 18 феврали соли 2023 дар ДМТ вохӯрии Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро бо як гурӯҳ донишҷӯёни факултетҳои гуногуни донишгоҳ, аз ҷумла, факултети ҳуқуқшиносӣ, ки ба курси таълимии «Сарварон (лидерҳо)-и сиёсӣ» шомил мебошанд, баргузор гардид.

Нишаст бо сухани муқаддимавии ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. оғоз ёфт. Зимнан таъкид шуд, ки раёсати ДМТ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳама самтҳо, аз ҷумла, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳамкории судмандро ба роҳ мондааст.

Баъдан, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Р.Ҳ. дар робита ба нуктаҳои гуногуни Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуд. Муҳтарам Вазир дар идомаи суҳбат дар робита ба давраҳои таърихи давлатдории тоҷикион суханронӣ намуда, амали гардидани озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон»-оинаи таърихи миллат»-ро дар самти такмил ёфтани донишҳои таърихӣ ва афзун намудани ҳисси ватандӯстии ҷавонон муҳим арзёбӣ карданд.

Ёдовар мешавем, ки чорабинии мазкур дар арафаи таҷлили 30-юмин солгарди Артиши миллӣ дар самти такмили донишҳои ҳуқуқию сиёсии ҷавонон ва таҳкими худшиносию ватандӯстии онҳо муҳим арзёбӣ гардид.








# ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ





Санаи 17 феврали соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ вохӯрии донишҷӯён бо намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Мавзуе, ки хангоми баргузории чорабинии мазкур мавриди матраҳ қарор дода шуд, коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа буд. Инчунин, дар рафти чорабинӣ намояндагони Донишгоҳ ва факултет иштирок намуда, паҳлуҳои гуногуни мавзуи матраҳшавандаро мавриди таҳлил қарор доданд. Чорабинии мазкур барои баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии донишҷӯён дар самти пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд.

# БЕҲТАРИН ТАШКИЛОТИ ИБТИДОИИ ҲИЗБӢ



Соли 2022 ба хотири боз ҳам самараноктар ба роҳ мондани фаъолияти ташкилотҳо бо ташаббуси Роҳбарияти Кумитаи иҷроияи ибтидоии «Дониш»-и ДМТ озмуни «Беҳтарин ташкилоти ҳизбӣ дар соли 2022» эълон карда шуд.

Комиссия дар ин самт, фаъолияти худро ба итмом расонда, беҳтаринҳоро муайян кард, ки дар натиҷа ҷойи аввал насиби Ташкилоти ибтидоии "Ҳуқуқшинос"-и факултети ҳуқуқшиносӣ гардид.

Садорати факултет, устодону кормандон ва донишҷӯёни факултет, Ташкилоти ибтидоии "Ҳуқуқшинос"-ро барои соҳиб шудани чунин мақом таҳният гуфта, барои фаъолияти пурсамар комёбиҳои беназирро таманно менамоянд.

# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ

Санаи 24-уми декабри соли 2022 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба имзо расид. Қонуни мазкур барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон, ҳифзи арзишҳои миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, вобаста ба паҳлуҳои гуногуни Қонуни мазкур дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ чорабиниҳои илмӣ-таълимӣ баргузор гардида, донишҷӯёни факултет аз моҳият ва мазмуни ин қонун бархӯрдор гардонда мешаванд.



**Таҳияи Шерзода БУРҲОНАЛӢ**

## МАСЪУЛИЯТИ НАВБАТӢ МУБОРАК, УСТОДОНИ ГИРОМӢ!



Боиси хушнудист, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун махзани тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси касбӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ эътироф гардида, устодону кормандон ва тарбиятгирандагони он дар амалӣ гардонидани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолона ширкат меварзанд.

Дар ин асно, бояд иброз намуд, ки декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Нурулло Шамсулло ба вазифаи Роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе таъин гардид.

Ҳамчунин, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатов Диловар Давлатович мусъулияти мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар ӯҳда гирифтанд.



Аз ин рӯ, ҳайати таҳририяи нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос», устодон, кормандон ва донишҷӯёни факултет Қурбонализода Н.Ш. ва Давлатов Д.Д.-ро ба муносибати таъин гардидан ба вазифаҳои пурмасъул самимона таҳният гуфта, барои фаъолияти минбаъдаи онҳо барору комёбиҳои беинтиҳоро орзуманданд.



## ҲИМОЯИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ ФАРХУНДА БОД!

Оғози навишти рисолаи илмӣ қадами нахустини шахс дар ҷодаи илм маҳсуб ёфта, сарбаландона дифоъ намудани он ба ҳайси сарчашмаи комёбиҳои фард дар оянда мегардад. Дар ҳамин асно, санаи 11-уми феврали соли 2023 ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзуи «Ҷавобгарӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии





Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санаи 18-уми феврали соли 2023 ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирзоев Қобилҷон Холмуродович дар мавзуи «Ғоратгарӣ масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он», инчунин, санаи 21-уми феврали соли 2023 ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ Буриев Акмал дар мавзуи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ-гражданӣ истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» рисолаҳои номзадии худро сарбаландона дифоъ намуданд.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати таҳририяи нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос», устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети



ҳуқуқшиносӣ Давлатов Б.С. ва Мирзоев Қ.Х. ва Буриев А.- ро ба ин дастовардашон аз самими қалб муборакбодӣ намуда, ба онҳо рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро таманно менамоянд.

## АМНИЯТИ МИЛЛӢ – АСОСИ КОМЁБИҲОИ МИЛЛАТ

Санаи 10-уми январи соли 2023 воҳӯрии кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ бо донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ баргузор гардид. Зимни воҳӯрӣ иброз гардид, ки факултетити ҳуқуқшиносӣ бо Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равобити судманд қарор дошта, ҳамкорӣ менамояд. Нақши мақомоти мазкур дар ҳифзи истиқлолият ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияти миллии мамлакат басо муҳим дониста мешавад.

Дар рафти ҳамоиш, кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ суханронӣ намуда, иброз доштанд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ қайд намуданд, ки “...терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳо, бахусус, солҳои охир барои аҳли башар, аз ҷумла, минтақаи мо ба таҳдиди ҷиддӣ табдил ёфтаанд”. Аз ин рӯ, аз ҷавонон даъват ба амал оварда мешавад, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, аз шомилшавӣ ба ҳар гуна гуруҳҳои ифротӣ худдорӣ намоянд.

Дар охир, миёни донишҷӯён ва кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ табодули афкор сурат гирифт.

**Таҳияи**
**Ҳайём РАҶАБЗОДА**



## ҲАМКОРИҲОИ СУДМАНД



Санаи 30 ноябри соли 2022 дар толори Маркази миллии таълимӣ оид ба мубориза бар зидди хариду фурӯши инсон дар пояи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо иштироки дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии Донишгоҳи Россиягии Дӯстии Халқҳои Федератсияи Россия Киселева Галина Вячеславовна лексияи мухтасар баргузор гардид. Дар семинар устодони кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, магистрон ва донишҷӯёни риштаи ҳуқуқи байналмилалӣ иштирок намуданд. Дар семинари мазкур, доираи васеи масъалаҳо вобаста ба танзими ҳуқуқи байналмилалии муҳоҷират, асосҳои ҳуқуқии муҳоҷирати иҷборӣ, ҳимояи байналмилалии гурезаҳо, инчунин, тартиби пешниҳод ва баррасии ҳисоботҳои даврии универсалӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд.

**Таҳияи**
**Хуршед ҚОДИРҚУЛОВ**



# ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, ки санаи 23 декабри соли 2022 ироа карда шуд, тамоми ҷанбаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар дар соли 2022 ҷамъбасту натиҷагирӣ намуда, вазифаҳои навбатӣ барои соли оянда ва дурнамои наздик гузошта шуданд. Бинобар ин, ҳама дастуру пешниҳодҳои дар Паём аз ҷониби Пешвои миллат зикршуда як навъ муждаи нав барои беҳбуди бахшидан ва сатҳи зиндагии мардуми кишвар мебошад.**



Хуршед ҚОДИРҚУЛОВ
дотсенти кафедраи
ҳуқуқи байналхалқӣ

Сарвари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, ки имрӯзҳо равандҳои геополитикӣ ҳамоно мураккабу печида боқӣ монда, боиси афзоиши мухолифату низоъҳо, шиддат гирифтани рақобат ва талоши кишварҳо барои тавсеаи нуфуз дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гардидаанд. Ин ҳолат боиси ба миён омадани таҳдиду хатарҳои бесобиқаи амниятӣ гардида, дар маҷмӯъ, ба сохтори бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар чунин шароит Тоҷикистон ба хотири таъмин намудани манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои анъанавии худ сиёсати хориҷии мутавозин ва санҷидаро идома медиҳад. Дар ин замина, давлати мо азм дорад, ки дар асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и хориҷии худ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманду созандаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон тавсеа бахшида, рушд диҳад.

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ ба шарофати сиёсати хориҷии мутавозин, ки меҳвари онро сиёсати «дарҳои кушода» ташкил медиҳад, ки тавонист бо кулли кишварҳои ҷаҳон, созмону ниҳодҳои бонуфузи байналмилалиу минтақавӣ ҳамкорӣ ва муносиботи ҳасанаро ба роҳ монад. Табиист, ки эълони ин навъ сиёсат ҳамзамон бо қабули Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, ки асосҳои равобити байналмилалии кишварамонро дар давраи нави баъди барқарории сулҳу субот муайян кард. Дар ҳақиқат даҳаи аввали истиқлолият дар Тоҷикистон асосан дар роҳи ба эътидол овардани авзои сиёсии кишвар ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ сипарӣ шуд. Бо гузаштан аз ин марҳала Тоҷикистон дарҳои худро ба рӯи ҳамаи кишварҳои олам кушод. Ин аст, ки Сарвари давлат ҳамчун муайянкунандаи сиёсати хориҷӣ бо эълони сиёсати «дарҳои кушода» равобити байналмилалиро баҳри муаррифии Тоҷикистон дар ҷаҳон ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои бозсозии кишвар оғоз намуд. Дар ин муддат Ҷумҳурии Тоҷикистон ин сиёсатро пайгирона дар амал татбиқ намуда, эҷоди воситаҳои самарабахши ба ҳам овардани манфиатҳои миллӣ ва кӯшишҳои байналмилалӣ, муттаҳид намудани саъю талошҳои ҳамаи давлатҳоро дар ин раванд имконпазир мешуморад. Сиёсати хориҷии шаффоф ва усули «дарҳои боз» ба он мусоидат намуд, ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ гардида, ба ин васила равобити сиёсӣ ва ҳамкории судмандро бо кишварҳои ҷаҳон ба роҳ монад. Аз ин хотир метавон гуфт, ки яке аз дастовардҳои бузурги Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ин ташаккул ва татбиқи сиёсати «дарҳои кушода» ба шумор меравад, ки бо шарофат ва самараи чунин сиёсати хориҷӣ, Ҷуиҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила дар арсаи байналмилалӣ мавқеи шоистаи худро пайдо намуда, муносибат ва ҳамкориҳои гуногунро бо кишварҳои дунё, ниҳодҳои байналмилалиу минтақавӣ ба роҳ мондааст. Яъне дар ин ҷо сухан дар хусуси густариш додани сиёсати хориҷии сулҳхоҳона ва беғараз мебошад, зимни татбиқи он, Тоҷикистон омодааст бо ҳамаи кишварҳои дуру наздик робитаҳои дӯстона ва эътирофи манфиатҳои тарафайнро дар асоси эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба роҳ монад. Ногуфта намонад, ки авлавият ва ҳифзи манфиату арзишҳои волои миллӣ яке аз вазифаҳои муҳим ва калидӣ дар шароити ҳассоси глобалии замони муосир махсуб меёбад, ки комилан аз воқеияти имрӯза маншаъ мегирад.

Ҳамчунин дар Паём таъкид гардид, ки соли 2022 Тоҷикистон сисолагии барқарор намудани робитаҳои дипломатиашро бо аксари давлатҳои ҷаҳон таҷлил намуд. Лозим ба ёдоварист, ки дар зарфи як соли истиқлолият аз соли 1991 то соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 48 кишвари хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд, чунончӣ: Ҷумҳурии Халқии Чин( 4 январи соли 1992), Ҷумҳурии Исломи Эрон(9 январи соли 1992), Ҷумҳурии Федератии Олмон((28 феврали соли 1992), Арабистони Саудӣ( 22 феврали соли 19912), Федератсияи Россия( 8 апрели соли 1992) ИМА( 14 феврали соли 1992) ва ғ. Аз ин хотир, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин давлатҳо сисолагии истиқрор ва барқарор намудани муносибатҳои дипломатиро таҷлил намуд.

Бояд гуфт, ки дар айни замон маҳз ба шарофати Истиқлоли давлатӣ ва сиёсати санҷидашудаи хориҷӣ Тоҷикистон бо зиёда аз 180 давлати дунё равобити дипломатӣ барқарор намуда, барои фаъолияти муассир ва пайгирии пайвастаи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ марҳала ба марҳала шабакаи густурдаи намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои худро дар хориҷ аз кишвар таъсис дод. Бо қабул гаштани аввалин санадҳои муайянкунандаи масири сиёсати хориҷӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати дипломатӣ” ва Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон равобити дипломатӣ ва муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаро бо давлатҳои хориҷиву созмонҳои мухталиф оғоз бахшид.

Мусаллам аст, ки дар раванди шаклгирии давлати навини тоҷикон ва касби эътибори байналмилалии он нақши дипломатияи миллӣ бисёр муассир аст. Дар ин робита, мантиқан дуруст аст, агар гӯем, ки сиёсати хориҷии мо барқарории равобити байналмилалӣ, ва умуман, роҳандозии фаъолияти дипломатӣ танҳо дар даврони Истиқлоли давлатӣ муяссар гардид, ки барҳақ Пешвои миллат меъмор ва бунёдгузори он мебошанд.

Ҳамаи ин гувоҳи равшани он аст, ки Пешвои миллат ба соҳаи сиёсати хориҷӣ ва фаъолияти муассисаҳои хориҷии он пайваста диққати фавқулода медиҳад. Зеро пешравиҳо дар татбиқи сиёсати дохилӣ, аз бисёр ҷиҳат ба фароҳам овардани шароити мусоид ва фазои муносиб дар хориҷ аз кишвар вобастагӣ дорад.

Ҳамчунин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём таъкид намуданд, ки панҷумин ибтикори ҷаҳонии кишвари мо оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар миқёси сайёра амалӣ хоҳад шуд.

Дар ин хошия, ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф менамояд, ки ташаббусҳои байналмилалии Сарвари давлати Тоҷикистон дар асри XXI барои аҳли башар ва таъмини ҳаёти арзандаи инсоният хизмат мекунанд. Чунончи, то ҳол панҷ ташаббуси ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар эълон намудани соли 2003 – Соли байналмилалии «Оби тоза», яъне пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ (1 октябри 1999) – соли 2003 – Соли оби тоза эълон гардида, дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд; солҳои 2005 – 2015 Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”; соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028» аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ истиқболи гарм пайдо намудааст. Ҳамзамон муаммои



Ҷумъахон ҚУРБОНОВ
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи байналхалқӣ

тағйирёбии иқлим ва паёмадҳои он, бахусус обшавии босуръати пиряхҳо аз масъалаҳое мебошад, ки ҷомеаи ҷаҳон, аз ҷумла, Тоҷикистонро нигарон кардааст. Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба хатари тағйирёбии иқлим барои захираҳои об, бахусус пиряхҳо борҳо дар баромадҳои сатҳи байналмилалӣ маърӯза намуда, таваҷҷуҳи аҳли сайёраро ба ин масъала ҷалб намудаанд.

Бо чунин назардошт ташаббуси панҷуми Тоҷикистон ҷиҳати эълон гардидани соли 2023 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ба дар ин асно қабул гардидани Қатъномаи иҷлосияи 77-уми Маҷмаи умумии СММ оид ба “Соли 2025 – соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” аз дастгирӣ ёфтани ин иқдомхои кишварамон дар сатҳи байналмилалӣ дар самти пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои офати табиӣ далолат медиҳанд. Зеро ҳадафҳои меҳварии ин ташаббусҳо рафъи мушкилоти глобалии сайёра, аз ҷумла норасоии об ва пешгирӣ аз тағйирёбии иқлим аст, ки дар сурати бетаваҷҷӯҳӣ метавонанд фоҷеаҳои инсониро ба бор оранд, ташкил медиҳанд. Аз сӯи дигар, аҳамияти ибтикору ташаббусҳои Президенти кишварамон вобаста ба об дар он зоҳир мегарданд, ки пеш аз ҳама ба таҳким ва танзими муносибатҳо дар ин соҳаи ҳаётан муҳим нигаронда шуда, як навъ назари навро дар истифодаи захираҳои об дар минтақа ва ҷаҳон ташвиқ менамоянд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор заминаи пойдор мегузоранд.Ҷомеаи ҷаҳонӣ азму иродаи давлати моро дар заминаи ташаббусҳои созандаву некбинона, нигоҳи боэътимоду хайрхоҳона ба масоили глобалии муосир ва иштироки фаъол дар ҳалли онҳо эътироф мекунанд.

Боиси ифтихор аст, ки дар замони муосир кишварҳои ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ташаббусҳои фарогир ва нақшгузорӣ дар ҳалли мушкилоти глобалӣ эътироф менамоянд. Ва дар ин самт Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз сиёсатмадорони фаъоли ҷаҳонӣ махсуб меёбад. Аз ин хотир, ҳар як шаҳрванди бонангу номуси кишварамонро зарур аст, ки барои иҷрои дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси муаррифии шоистаи нақшаҳои бунёдкорона, иқдомҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неку созандаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳамчунин, барои таъмини амнияти миллӣ саъю кӯшиши бештар ба харҷ диҳад.

# PATRIOTIC EDUCATION AS THE MAIN FACTOR FOR STRENGTHENING THE NATIONAL CONSCIOUSNESS OF CITIZENS

Patriotic education is associated with the formation of national identity among young people, including patriotic feelings and moods. Indicators of the level of patriotic education of citizens are their desire to participate in patriotic events, knowledge and implementation of socio-cultural traditions, respect for the past of their country, the desire to protect their homeland from external and internal destructive influences, the desire to work for the prosperity of their Fatherland. Proper education of each individual leads to the creation of a cultural, socially active and law-abiding society. The system of patriotic education provides for the formation and development of socially significant values, citizenship and patriotism in the process of education and training in educational institutions of all types; mass patriotic work organized and carried out by state structures, public movements and organizations; the activities of the mass media, scientific and other organizations, creative unions, aimed at reviewing and highlighting the problems of patriotic education, the formation and development of the personality of a citizen and defender of the Fatherland.

In today's world, it is urgent to educate a person in the spirit of patriotism. In turn, patriotic education is one of the systemic components determining the formation of the ideological culture of the individual. Patriotic upbringing of citizens forms the basis of the social policy of the country. As follows from Article 43 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, defending the homeland, protecting the interests of the state, strengthening its independence, security and defense power is the sacred duty of every citizen.

It should be noted that the strengthening of the process of patriotic education of citizens is under the direct attention of the Founder of Peace and National Unity – the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, the esteemed Emomali Rahmon. In every speech and addresses to Majlisi Oli of the



Republic of Tajikistan, the Leader of the Nation expresses his opinion on the issue of patriotic upbringing of citizens, love for the Motherland and protection of the Motherland. In his regular address to Majlisi Oli on 23 December 2022 the Leader of the Nation called upon the citizens of the country to be patriots, to love the homeland, and never forget that patriotism and high national feelings are the main factor and the most important means of developing of the state and the society.

Precisely through the constant attention of the country's highest political leadership during the period of independence, a number of legislative acts and documents of strategic planning were adopted and put into effect in this direction.

In particular, on December 24, 2022 the Founder of Peace and National Unity – the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, the esteemed Emomali Rahmon signed the Law of the Republic of Tajikistan «On patriotic education of citizens» (December 24, 2022 № 1920), which consists of 5 chapters and 21 articles.

**The aim and tasks of patriotic education of citizens. The aims and tasks of patriotic education of citizens are defined in Article 3 of this Law as follows:**

**The aims of patriotic education of citizens are:**

forming citizens' civic identity, high moral qualities, national consciousness, thinking and a sense of patriotism;

education of citizens in the spirit of patriotic attitude to society and the state on the basis of high social activity, civic responsibility, willingness and ability to serve the Homeland, strengthening and ensuring the vital interests and sustainable development of the state;

as important social, spiritual and moral values strengthening the basis of civic and patriotism in society, the formation and development of good civic and social qualities of the younger generation and their ability to show these qualities in the process of creation for the benefit of society and the state, including in activities that are related to their safety.

It is necessary to emphasize such a side of patriotism as the natural connection of people with their homeland. Patriotism is based on the natural connection of people with their homeland an active attitude towards the native land, an awareness of personal responsibility for its fate. Homeland is an unchanging, extremely strong, complex and deepest natural source of patriotism. The homeland is such a factor of patriotic behavior which determines the purposefulness of the person who has realized the blood connection with it who is conscious of the mind and heart, and who is experiencing his unpaid duty to her, the natural source and structure of patriotism have sufficient internal stability and autonomy.

Based on the Law of the Republic of Tajikistan "On patriotic education of citizens" we can conclude that, the specifics of the patriotic education of the citizens determine the place of this direction in the general system of education of citizens of the Republic of Tajikistan. Knowledge of this specificity and its consideration in the practice of educational work allow to plan and implement patriotic education in the education system more clearly. At the same time, based on the principle of a comprehensive approach to education, it is important to remember the following. Being a part of moral upbringing, patriotic education is also organically connected with other aspects of humanistic upbringing: spiritual, political, civil, aesthetic and others. Thus, the concept of «Tajik patriotism» includes: a sense of attachment to the places where a person was born and grew up; respect for the mother tongue; concern for the interests of the native land; manifestation of civic feelings and loyalty to the native land; pride in its social and cultural achievements; upholding its freedom and independence; respect for the country's historical past and inherited traditions; and the desire to devote one's labor, strength and abilities to the country's flourishing.



**Sunatullo AZIMOV**
**assistant of the department of human rights and comparative law**

# ПРОФЕССИЯ ЮРИСТА В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

Профессия «юрист» подразумевает широкий перечень деятельности, который занимается изучением права, исследованиями в данной отрасли и практическим применением навыков.

Юрист – специалист, который свободно владеет информацией о законодательных базах.

Данная сфера настолько обширна, что юристов классифицируют по основам своей направленности. Они выступают в роли защитников, обвинителей, экспертов, профессоров и судей. Все эти профессии объединяет только одно - это знания законов.

Чтобы стать квалифицированным юристом, следует получить высшее образование, а для этого необходимо связать свою жизнь с юриспруденцией. В первую очередь необходимо правильно выбрать высшее учебное заведение. Таким вузом, является КазНУ им.аль-Фараби, который может предложить обширный спектр разных специальностей по юридическому направлению, а именно образовательные программы «Правоохранительная деятельность», «Юриспруденция» для бакалавриата, «Судебно-прокурорско-следственная деятельность» для магистратуры и т.п.

Специалисты утверждают, что юрист с хорошим образованием сразу найдет себе применение. Выпускники юридического факультета КазНУ им.аль-Фараби, остаются по сей день востребованными, как в стране, так и за рубежом. Солидные учебные заведения отличаются сильным преподавательским составом и собственной системой обучения.

У нас в стране готовят универсальных и широкопрофильных юристов. Студенты на первых курсах прослушивают общегуманитарные предметы: политологию, культурологию, философию, социологию и логику. В качестве профессиональных дисциплин преподаются теория государства и права, конституционное право, гражданское право, гражданский процесс, административное право, уголовное право, уголовный процесс, криминалистика, криминология, правоохранительные органы и т.д. Специализация юристов начинается на третьих-четвертых курсах. Делится на несколько направлений: уголовно-правовое, государственно-правовое, гражданско-правовое.

Гражданская специализация готовит юристов для суда, нотариата, адвокатуры и т.д. Студенты, выбравшие государственное право, смогут в будущем работать в аппаратах государственных и общественных организаций. В уголовной специализации готовят будущих судей, прокуроров, следователей, дознавателей, которые в будущем будут раскрывать, пресечь уголовные правонарушения. Отметим, что выбор какой-то специализации не означает, что выпускник вуза не сможет заниматься в будущем другими направлениями.

Многие юристы сегодня работают в политической сфере, занимаются преподавательской и научной деятельностью. Поле деятельности для человека с юридическим образованием огромно, а выбор конкретной специализации довольно широк.

Поэтому, получив юридическое образование, есть множество возможностей найти интересную работу, которая придется по душе. В силу своей подготовки, а также знаниям, навыкам и умению общаться квалифицированные юристы являются довольно востребованными на рынке труда. Можно сказать, что спросом на современном рынке труда пользуются «юристы широкого профиля» – это специалисты, знающие и гражданское, и международное, и уголовное право. Современная ситуация на рынке труда показывает, что профессиональные юристы могут претендовать на достаточно большой спектр работ и должностей.

Главная задача студента, получающего юридическое образование параллельно получать и практические навыки, проходить различные стажировки.

У студента, пусть и без официального опыта работы, но прошедшего стажировку, получившего хотя бы минимальный набор навыков, знающего основы деятельности есть огромное преимущество перед теми соискателями, у которых навыков в профессиональной сфере нет вообще. Поэтому подрабатывать во время студенчества лучше в той сфере, в которой вы в дальнейшем хотите себя реализовать.

Конечно, сложна дорога к званию судьи, прокурора, адвоката, следователя. Для этого нужно несколько лет проработать, чтобы заработать репутацию высококлассного специалиста, что скорее всего уйдут долгие годы.

Также следует указать, что юрист должен обладать необходимыми качествами это: повышенная ответственность, чувство долга, неподкупность и высокие нравственные принципы.

Кроме того, юрист должен стремиться к постоянному самообразованию, самосовершенствованию, повышению своей квалификации (для чего существуют профессиональные курсы юристов).

На сегодняшний день, защита своих прав и интересов с помощью приёмов юриспруденции и инструментов закона стала в наше время необходимым условием существования. В жизни современных людей всё чаще возникают случаи, когда требуется юридическая, либо правовая помощь. А средства массовой информации учат нас отстаивать свои права и пользоваться ими. Поэтому значимость юриспруденции в нашей стране постоянно растёт.

**Шарипова А.Б.**
**КазНУ им.аль-Фараби, юридический факультет, к.ю.н., ассоциированный профессор, г.Алматы, Казахстан**

**Одиназода Н.Ш.**
**студент 3 курса КазНУ им.аль-Фараби, юридический факультет г.Алматы, Казахстан**

# 30 СОЛИ ФАЪОЛИЯТИ ПУРСАМАРИ АРТИШИ МИЛЛӢ



**Хайём РАҶАБЗОДА**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Артиши миллӣ дар сохтмону таҳкими минбаъдаи давлати миллӣ ва истиқлоли давлатӣ нақши муҳим мебозад. Инак ба таҷлили ин санаи чашнӣ рӯзҳои башумор мондаанд. Фаъолияту дастовардҳои Артиши мамлакатро дар тӯли 30 соли таъсисаш метавон натиҷаи пурсамари ҷоннисорони миллат бахри ҳифзу дифои ҳар ваҷаб замину ҳар зарраи хоки диёр номид.

Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёду рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон беназир аст. Зеро, Артиши миллии мо дар ҷои холӣ таъсис ёфта, ташкили он аз сифр шуруъ гардида буд. Санаи 23 феврали соли 2019 зимни суханронӣ дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори 26-солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфта буданд: «Вақте ки қарор дар хусуси таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ қабул гардид, мо на Вазорати мудофиа доштем, на иншооти инфрасохторӣ, на заминаи зарурии моддиву техникӣ ва на мутахассисону кадрҳои касбӣ». Новобаста аз ин, бо иқдоми Сарвари давлат ба муҳофизати сарҳад тамоми имконияти мавҷуда равон карда шуд. Ба душвориҳои зиёд нигоҳ накарда, заминаҳои асосӣ барои таъсиси Артиши миллии тоҷик соли 1993 гузошта шуданд.

23 феврали соли 1993 аввалин паради ҳарбии Артиши миллии Тоҷикистон доир гардид. Аз ҳамин рӯз эътиборан ҳар сол 23 феврал ҳамчун санаи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад.

Дар шароити густариши раванди ҷаҳонишавӣ барои ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, якпорчагии Ватан, таъмини амнияти мамлакат ва ваҳдати миллии он аҳаммияти Қувваҳои Мусаллаҳ чандкарата афзоиш меёбад.

Дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Эмомалӣ Раҳмон ва дар доираи навсозии Артиши миллӣ, имрӯз дар тамоми қисму воҳидҳои низомии Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои қудратии кишвар барои афсарону аскарон пойгоҳҳои ҳозиразамони ҳарбӣ бунёд гардидааст. Аз ин рӯ, имрӯз таваҷҷуҳи ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар замони соҳибистиқлолӣ нишонаи равшани эҳсоси ватандӯстӣ, дарки зарурат ва аҳамияти ҳимояи давлат ва халқи Тоҷикистон мебошад.

30-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи давлатдории тоҷикон рӯйдоди муҳимми таърихӣ махсуб меёбад. Натиҷагирӣ ва бардошти сабақҳо аз ин роҳи тайшудаи Артиши миллӣ, омӯзиши бурду бохт ва дастовардҳои раванди бунёди артиш марҳалаи муҳимми таърихӣ буда, барои таҳкими минбаъдаи Истиқлоли давлат ва Ваҳдати миллат аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Дар раванди давлатсозии миллӣ шаклҳои гуногуни тарбия, бахусус тарбияи ватандӯстӣ, масъалаи ниҳоят муҳим ба шумор меравад. Дар таърих ватандӯстӣ ба сифати падидаи иҷтимоӣ барои таъсиррасонӣ ба шуури сиёсии шаҳрвандон ба кор бурда мешуд. Азбаски ҷаҳони мутамаддин дар таҳаввулоти ҳамешагӣ қарор дорад, дар мафкураи шаҳрвандон ҷой карда тавонистани ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ барои амалӣ намудани барномаву стратегияҳои давлатӣ аз фоида холӣ нест. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ доир ба ватандӯстӣ сухан ронда, аз ҷумла таъкид намуданд: «Мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад. Яъне, ҳар яки мо бояд минбаъд низ мафҳумҳои «ватандӯстӣ» ва «рушд»-ро шиори фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор диҳем».




Бахри баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба марзу буми мамлакат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24 декабри соли 2022 қабул гардид, ки он аз 5 боб ва 21 модда иборат аст. Қонуни мазкур ҳадаф, усулҳо ва самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии онро муқаррар карда, муносибатҳои вобаста ба ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муайян менамояд.

Ватандӯстӣ эътиқод аст ва касеро маҷбуран ватандӯст кардан имкон надорад, вале арзишҳои ватандӯстиро дар тафаккури шаҳрвандон ҷой намудан ва ин арзишҳоро ба эътиқоди онҳо табдил додан имконпазир аст. Ин раванди мушкил ва ҳамешагист. Яъне, ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба тарзи бефосила, бетанаффус ва ба таври доимӣ машғул бояд шуд. Дар ин масири мушкилу абадӣ давлату миллате муваффақ мешавад, ки беҳтарин қувваҳои зеҳнӣ ва илмию фарҳангии худро ба ин ҷода сафарбар намояд.

Ҷашни 30-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ барои мо ҷавонони содиқи Ватан ҷашни одию муқаррарӣ нест, балки рӯзи ифтихору шукрона аз давлати миллию Артиши он, аз истиқлоли давлатӣ, рӯзи шукрона аз Ваҳдати миллӣ мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки Ваҳдати миллӣ пояи истиқлолро мустаҳкам менамояд.

Аз фурсати муносиб истифода намуда, мардуми шарафманди кишварамонро ба рӯзи Артиши миллӣ табрик гуфта ба ҳомиёни Ватан интизоми қавӣ, донишу малакаи комил, рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ҷиҳати ҳифзи зиндагии амну осоиштаи мардуми кишвар, ҳамчунин пирӯзиҳои нав ба навро таманно дорам.

# ПАЁМ – ТАҲКИМБАХШИ ҲИМОЯИ МАРЗУ БУМИ КИШВАР

Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ ҳамчун дастури барномавӣ ва роҳкушои оянда ба шумор мераванд.

Аз Паёми имсола ба мо маълум гардид, ки дар тӯли 31 соли истиқлолият кишвари мо дар ҳама соҳаҳо ба пешравӣ ва комёбиҳои беназир мушарраф гардидааст, ки зикр ва таҳлили амиқи ҳамаи риштаҳои он кори осоне ба як мутахассис шуда наметавонад. Бинобар ин, муаллиф дар ин мақола танҳо як ҷанбаи таҳкимбахшандаи Паёми имсоларо зери таҳлил қарор медиҳад.

Тавре ки ба мо ҳамагон маълум аст, дар асри XXI сиёсатҳои мураккабу пасипардагии пешгирифтаи мамлакатҳо, аз он ҷумла, абарқудратон, ки барои манфиати миллии худ ба ҳар коре қодиранд, ҳамагонро ба ташвиш оварадааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ бо таъкиди он ки солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардидааст, барои таъмини амнияти аҳолӣ ва мустаҳкам кардани ҳимояи марзу буми кишвари азизамон Тоҷикистон таъкид ва супоришҳои муфид доданд.

Сарвари давлат қайд намуданд, ки солҳои охир гурӯҳҳои гуногуни экстремистиву террористӣ, ки мақсади халалдор сохтани сулҳу амнияти иншоро доранд, зиёд гаштаанд. Инчунин, дар вақтҳои охир ҷиноятҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содиршаванда, ки аксари мардум аз моҳияти ин ҷиноятҳо то фаро расидани натиҷаи онҳо бохабар намешаванд, ба авҷи аълои худ расидааст.

Вазъияти печида ва мураккаби дунёи имрӯза моро водор месозад, ки бахри навгонӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои мусаллаҳ бо яроқу аслиха, омода намудани хизматчиёни ҳарбӣ барои мудофиаи марзу буми кишвар тадбиру чораҷӯиҳои муфидро амалӣ намоем.

Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати мудофиа супориш доданд, ки бо мақсади баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар «Консепсияи мудофиаи миллӣ» таҳия ва пешниҳод карда шавад. Ин иқдом нишондиҳанда аз ғамхорӣ ва ватандӯстии Сарвари давлат шаҳодат медиҳад.

Дар даврони истиқлолият мо шоҳиди онем, ки бахри омода намудани сарҳадбонон аз ҷониби давлат тадбирҳои муфид андешида шуда, шароити арзанда муҳаё карда мешавад. Дар пойтахти кишвари азизамон шаҳри Душанбе Донишкадаи Олии Сарҳадии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки дар онҷо ҳар сол танҳо хизматчиёни ҳарбӣ-сарҳадбонон омода карда мешавад. Инчунин, дар пойтахт барои ҳавасмандон ва омода намудани мактаббачагон барои донишкадаву донишгоҳҳои олии ҳарбию сарҳадӣ соли 2019 Гимназияи ҳарбии ҚС КДАМ ҶТ таъсис дода шуд, ки ба таври ройгон барои ҳавасмандон ва хонандагон шароити хурду зистро дар дохили худ муҳайё менамояд.

Пешвои миллат бо дарки он ки ҷавонон қувваи асосӣ ва ояндаи давлат мебошанд, дар ҳар як суханронӣ ва баромадашон такрор ба такрор зикр мекунанд, ки ҷавонон ояндаи миллатанд. Бинобар ин, «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» қабул карда шуд. Мо ҷавононро мебояд ватандӯст бошем ва бахри ҳифзи марзу буми кишвар ҷони худро дареғ надорем.



**Шамил АБДУРАҲМОНЗОДА**
магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ

# МУҚОВИМАТИ ПАЙВАСТА – АСОСИ ПЕШГИРИИ КИРДОРҲОИ ТЕРРОРИСТӢ



Абдузухур САБУРОВ
магистри соли 1

Дар остонаи асрҳои XX-XXI дар шароити ҷаҳонишавӣ навъҳои нави таҳдидҳо ба амнияти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омаданд. Хатарноктарини онҳо терроризм ба ҳисоб меравад, ки аз ҷинояти дорои ангезаи сиёсӣ ба шакли идеологияи инкоркунандаи арзишҳои асосии башардӯстона, асосноккунандаи истифодаи зӯроварии бераҳмона ва тарсондани аҳолӣ ва халалдор сохтани фаъолияти мақомоти давлатӣ табдил ёфт. Имрӯз фаъолияти террористӣ ба пояҳои ҳастии амнияти ҷомеа ва давлат таҳдид намуда, шиддат ва тағйирёбии он, ҳам давлатҳои алоҳида ва ҳам тамоми ҷомеаи ҷаҳонро нигарон кардааст.

Терроризми муосир мақсади ба давлат, ҳукумат ва халқ зарар расонданро дорад. Амалҳои террористӣ ба суботи байналмилалӣ, амнияти миллӣ, иктисодиёти давлатҳо зарари ҷубронношазир меоранд ва аз ин рӯ, барои пешгирии онҳо тамоми ҷораҳои имконпазир бояд андешида шаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бо терроризмро муҳимтарин вазифаи таъмини амнияти миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонии худ дониста, саъй ҳоҳад кард, ки ҳамкориҳои байналмилалиро дар ин самт боз ҳам таҳким бахшад.

Қабул ва татбиқи як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷумла, соли 1999 Қонуни ҶТ "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" ва соли 2003 Қонуни ҶТ "Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм" қабул карда шуда, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм" аз соли 2006 тасдиқ карда шудааст, ки ин тадбирҳои пешгирӣ ҷиҳати ошкору тафтиши ҷиноятҳои марбут ба терроризм ва экстремизм боназардошти вазъи тағйирёбандаи ҷамъиятиву сиёсии кишвар мусоидат хоҳанд кард. Ҳамчунин, таҳия ва қабули Стратегияи муқовимат



ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-июни соли 2021 №187 ба тасвиб расид, мубориза дастаҷамъонаи ҷомеаи шаҳрвандиро бар зидди ин падидаи хатарзо тақозо менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 23-декабри соли 2022 дар мавриди пешгирии хатари терроризм ва экстремизм чунин таъкид намуданд: «Ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад».

Тоҷикистон имрӯз роҳу усулҳои муосири муборизаи дастаҷамъонаро бар зидди ин зуҳуроти манфӣ пайгирӣ намуда, содиршавии кирдорҳои мазкурро дар ҷомеа пешгирӣ менамояд.

Аз ин рӯ, ҳамаи мо вазифадорем, ки пеш аз ҳама, намунаи ибрат бошем, насли ҷавону созандаро тарбия карда, ба ободу пешрафта гардондани сарзамини аҷдодӣ ҳидоят сохта, пеши роҳи бегонапарастӣ ва хиёнатро ба манфиатҳои миллат ва давлат гирифта, бо дасту дили пок дар сафи пеши амалӣ намудани сиёсати устувори давлат қарор гирем.

# ПАТРИОТИЗМ И ПАТРИОТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ ГРАЖДАН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Патриотизм – это преданность и любовь к своему Отечеству, к своему народу и готовность к любым жертвам и подвигам во имя интересов своей Родины. Это означает жить ради улучшения своей страны, служить ей всеми возможными способами и жертвовать своей жизнью всякий раз, когда есть необходимость. Многие люди в прошлом служили своим странам и даже отдали для этого свою жизнь. Многие люди по-прежнему продолжают служить своей стране с такой же преданностью. Молодёжь страны должна любить и уважать страну и стремиться к её укреплению.

Пожилые люди тоже должны приложить усилия, чтобы воспитать чувство патриотизма у своих детей.

Преданность и любовь к своему отечеству, к своему народу и готовность к любым жертвам и подвигам во имя интересов своей Родины - всё это подразумевает под собой патриотизм. Патриотизм является основой жизнеспособности государства и выступает в качестве внутреннего мобилизующего ресурса развития общества, активной гражданской позиции личности, готовности её к служению на благо Отечества.

Патриотическое воспитание в современных условиях - это систематический, специально организованный, духовно и нравственно обусловленный процесс подготовки граждан к межкультурному взаимодействию в условиях демократического общества, к инициативному труду, участию в управлении социально ценными проектами. Иными словами, патриотическое воспитание предполагает формирование у граждан общественно-значимых ориентации, гармоничного сочетания личных и общественных интересов, преодоление чуждых обществу процессов и явлений, разрушающих его устои и потенциал созидания.

В современном мире крайне необходимо воспитывать человека в духе патриотизма. В свою очередь, патриотическое воспитание является одним из системообразующих компонентов, определяющих формирование мировоззренческой культуры личности. Патриотическое воспитание граждан составляет основу социальной политики страны. Как вытекает из статьи 43 Основного Закона страны – Конституции Республики Таджикистан - защита Родины, охрана интересов государства, укрепление его независимости, безопасности и оборонной мощи – священный долг каждого гражданина.

Следует отметить, что укрепление процесса патриотического воспитания граждан находится под непосредственным вниманием Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан многоуважаемого Эмомали Рахмона. Лидер нации в каждом выступлении и посланиях Маджлиси Оли Республики Таджикистан выражает своё мнение по вопросу патриотического воспитания граждан, любви к Родине, защиты Отечества. В своём очередном Послании к Маджлиси Оли 23 декабря 2022 года Лидер нации призвал граждан страны быть патриотами, любить Родину и никогда не забывать, что патриотизм и высокие национальные чувства являются основным фактором и важнейшим средством развития государства и общества.

Именно благодаря постоянному вниманию высшего политического руководства страны в период независимости в этом направлении был принят и введён в действие ряд законодательных актов и документов стратегического планирования и государственного прогнозирования.

В частности, 24 декабря 2022 года Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан многоуважаемый Эмомали Рахмон подписал Закон Республики Таджикистан «О патриотическом воспитании граждан» (от 24 декабря 2022 года № 1920), который состоит из 5 глав и 21 статей. Стоит отметить, что этот уникальный Закон направлен на воспитание граждан на пути честного и самоотверженного служения Родине, гордости за древнюю историю, почитания национальных святынь и стремления к свободному и благоустроенному будущему страны. Уникальность данного Закона заключается в том, что в Законе учитывается воспитание не только молодого слоя населения, но и всех граждан республики, независимо от возраста, профессии, должности, этнической и религиозной принадлежности, социальной категории.

Другим достоинством данного Закона заключается в том, что Закон Республики Таджикистан «О патриотическом воспитании граждан» в странах постсоветских государств разработан и принят впервые. К примеру, в Российской Федерации был разработан законопроект, который всё ещё находится на рассмотрении Государственной Думы РФ. В Республике Казахстан принята и действует государственная программа патриотического воспитания граждан. В Туркменистане и других республиках эта тема частично регулируется отраслевыми нормативными правовыми актами, в том числе в законах об образовании и государственной молодёжной политике, и отдельного закона не принято.

Настоящий Закон устанавливает цели, принципы и направления патриотического воспитания в Республике Таджикистан, его правовые и организационные основы, определяет отношения, связанные с созданием правовых, социальных, экономических, организационных основ, обеспечением и регулированием деятельности в области патриотического воспитания граждан.

В статье 3 закона указываются основные цели и задачи патриотического воспитания граждан:

• формирование у граждан гражданской идентичности высоких нравственных качеств, национальный менталитет, сознание и патриотических чувств;

• привитие гражданам патриотического отношения к обществу и государству на основе высокой социальной активности, гражданской ответственности, готовности и способности к служению Отечеству и укреплению государства, обеспечению его жизненно важных интересов и устойчивого развития;

• укрепление в обществе основ гражданственности и патриотизма, как важнейших духовно-нравственных и социальных ценностей, формирование и развитие у подрастающего поколения важнейших социально значимых гражданских качеств и способности проявить их в созидательном процессе в интересах общества и государства, в том числе в тех видах деятельности, которые связаны с обеспечением их безопасности;

• формирование национального самосознания, ценностного отношения к личности, обществу, государству, к идеям и ценностям их возрождения и развития;

• приобщение подрастающего поколения к системе социокультурных ценностей, отражающих богатство и своеобразие истории и культуры Отечества, народа,



Умед МУРОДЗОДА
ассистент кафедры
конституционного права

формирование у него высоких духовно-нравственных и культурных ценностей и ориентаций, потребности в их дальнейшем развитии;

• создание благоприятных условий для проявления гражданами чувств, патриотизма, достойного выполнения общественного, государственного и воинского долга, с учётом их интересов и потребностей в разнообразных сферах человеческой деятельности и в общении;

• воспитание уважения к закону, нормам общественной жизни, чувства социальной ответственности как важнейших качеств личности, проявляющихся в заботе о благополучии своей страны, её укреплении и защите;

• привитие положительного отношения к труду как важнейшей ценности жизни, потребности трудиться на благо общества и государства;

• формирование потребности в духовно-нравственном развитии, в ведении здорового образа жизни, способности проявлять заботу о пожилых и близких людях, поддерживать благоприятный климат в трудовом коллективе.

Таким образом, патриотизм - это сознательно и добровольно принимаемая позиция граждан, в которой приоритет общественного, государственного выступает не ограничением, а стимулом индивидуальной свободы и условием всестороннего развития гражданского общества. Такое понимание патриотизма является базовым, а Закон Республики Таджикистан «О патриотическом воспитании граждан» выступает в этой связи как направление формирования и реализации данного типа социального поведения граждан.

# ИФТИТОҲИ СИНФХОНАҲОИ НАВИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ





Санаи 30 январи соли 2023 барои ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рӯзи хотирмону таърихӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин рӯз, бо дастгирии ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. дар факултет ифтитоҳи ду синфхонаи таълимӣ-тарбиявӣ: синфхонаи Ташкилоти ҷамъиятии “Созандагони Ватан”, ҳамзамон, Иттифоқи касабаи факултет ва синфхонаи Клиникаи ҳуқуқӣ бо фазои кории барҳавою замонавӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Дар ифтитоҳи Клиникаи ҳуқуқӣ намояндагони сохторҳои гуногуни донишгоҳ ва ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд. Ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. таъсис додани Клиникаи ҳуқуқиро иқдоми нек арзёбӣ намуда, қайд кард, ки он барои такмили донишҳои ҳуқуқии ҳам шаҳрвандон ва ҳам донишҷӯён, инчунин, дар самти пайвастани илм бо амалия саҳми назаррраси худро хоҳад гузошт. Гуфта шуд, ки ба клиникаи мазкур дигар шаҳрвандони ҷумҳурӣ метавонанд муроҷиат намоянд.

Қобили қайд аст, ки Клиникаи ҳуқуқӣ дар самтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, граждани, меҳнатӣ, оилавӣ, соҳибкорӣ, мурофиавӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар рафти тафтишот ва мурофиаҳои судӣ ва дигар самтҳои муҳимми ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ба шаҳрвандон машварат ва кумаки ҳуқуқӣ мерасонад. Фаъолияти клиникаи ҳуқуқӣ аз ҷониби устодони пешбар ва донишҷӯёни фаъоли факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба роҳ монда мешавад.

Бояд гуфт, ки фаъолияти клиника ба чунин самтҳо равона гардидааст: алоқаманд намудани назария бо амалия ва илм бо истеҳсолот; баланд бардоштани маҳорату малака ва хулосабарории донишҷӯёни ҳуқуқшинос дар масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ; баланд бардоштани касбият ва этикаи касбии ҳуқуқшиносони оянда; дар зеҳну тафаккури донишҷӯён бедор намудани эҳсоси масъулият ва ҳавасмандсозии онҳо ҷиҳати амиқтар аз бар намудани соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ; дастгирӣ ва кумак барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ; фароҳам овардани шароити мусоид дар самти гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯён; расондани ёрии ҳуқуқии касбӣ ба шаҳрвандони камбизоат; сохтани барномаҳои маълумотдиҳанда барои оилаҳои камбизоат; баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ; расондани ёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ; расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; ташкил ва баргузор намудани семинарҳо, конференсияҳо ва мизҳои мудаввар дар самти ҳуқуқшиносӣ; нашри маълумот ва машваратҳои ҳуқуқӣ дар ВАО; ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, махсусан мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; ба роҳ мондани робита бо дигар марказҳои ёрии ҳуқуқӣ; ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилоту муассисаҳои хориҷӣ дар самти расондани ёрии ҳуқуқӣ ва ғ..

Сохтори дигари факултет Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» дар назди КИИ “Дониш”-и ДМТ маҳсуб мешавад, ки бо мақсади муттаҳид намудани ҷавонони фаъол ва ба рушду такомули Ватан равона сохтани ин неруи тавоно созмон дода шудааст. ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар ҳайати худ зиёда аз 1500 нафар аъзоро аз ҳисоби устодон ва донишҷӯёни факултет фаро гирифтааст. Бо ибтикори роҳбарияти ДМТ ташкилоти мазкур дар якҷоягӣ бо иттифоқи касабаи факултет ба утоқи корӣ таъмин кард.

Ёдрас мешавем, ки ташкилу таъмин ва тармими чунин утоқҳои корӣ дар самти беҳтар гардонидани раванди илмомӯзӣ ва таҷрибаомӯзии мутахассисони соҳа, инчунин, тарбияи насли ҷавони кишвар дар рӯҳияи худшиносию ватандӯстӣ судманд мебошад.

**Таҳияи**
**САЪДИЗОДА Ҷ.**











# АРТИШИ МИЛЛӢ – СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ВАТАН

**Дилором АБДУЛЛОЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**



Яке аз нишонаҳои соҳибистиқлолии ҳар кишвар доштани Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Қувваҳои Мусаллаҳ Ватанро аз душманони ошкорою пинҳонӣ ҳифз менамояд.

Рӯзи 23-юми феврали соли ҷорӣ аз таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-сол пур мешавад. Артиши миллии ҷумҳурӣ замоне таъсис ёфт, ки Тоҷикистон дар фитнаю дасисаҳои душманони миллати тоҷик кашида шуда буд. Хушбахтона, имрӯз Артиши миллии ҶТ ҳамаи мушкилиҳоро паси сар карда, ба сӯйи қуллаҳои баланд ҳаракат карда истодааст. Дар тӯли ин 30 соли фаъолият Артиши миллӣ ба дастовардҳои бузурге ноил гардидааст, ки онро бо ду се ҷумла баён кардан ғайриимкон аст.

Ҳеҷ як давлат бе лашкари тавонову размандa вуҷуд дошта наметавонад. Ин аст, ки давлатдорон барои таъмини амнияти шаҳрвандон ва ҳифзи марзҳояшон ҷузъи томҳои мухталифро созмон медиҳанд.

Дар замони соҳибистиқлолии ватанамон, ҷавонон бояд як нуқтаро дарк намоянд, ки хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як шахси бонангу номус ба шумор меравад.

**Усмонбой БОБОМИРОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Мақсад аз таҷлили рӯзи 23-юми феврал, бедор кардани рӯҳияи ҷавонон барои ҳифзи Ватан-модар аст. Ҳар як фарди тоҷик бояд ҷӣ дар марзи Ватан ва ҷӣ берун аз он донад, ки ӯ шараф ва номуси миллӣ дорад ва онро то қатраи охирини хун ҳифз намояд.



Боиси хушбахтист, ки бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Пешвои муаззами миллат, 30 сол инҷониб рӯзи Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомати хосса, бо қадамзании афсарону аскарон, гузаронидани парадҳои ҳарбӣ ҷашн гирифта мешавад.

**Ватан обу хоку ҳавоям туӣ,**
**Ватан чун шиору ливоям туӣ.**
**Чу модар бузургу азизу карин,**
**Ватан ҳарфи поки садоям туӣ.**

23-феврал иди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иди муҳофизон, родмардони шуҷои миллат мебошад, ки баҳри оромиву осудагиву амонии мардуми тоҷик хизмат мекунанд. Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳое бахшида шудааст, ки шабро шаб нагуфта, рӯзро рӯз нагуфта дар дифои Ватан мебошанд.

**Начибулло ГАДОЕВ**
**донишҷӯи соли 1**



Хизмат дар сафи Артиши миллӣ ва ҳифзи марзу буми Ватан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди ҶТ мебошад. Тибқи моддаи 43 Конститутсияи ҶТ ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи ҳар як шахс мебошад. Аз ин рӯ, ҳар яки моро зарур аст, ки дар ҳифзи марзу буми кишвар мардонавор муттаҳид гардида, нагузорем, ки ноҳалафе ба сӯйи Ватани мо бо чашми нопок назар намояд.

**Ватан, ҷоне ки дар ҷони ману туст,**
**Ватан ноне, ки дар хони ману туст.**
**Ватан оинаи оби зулол аст,**
**Ватан покии виҷдони ману туст.**



**Сино МАҲМАДШОЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Инак, аз таъсисёбии Артиши миллӣ 30 сол сипарӣ мешавад. Муддати 30 сол давлати мо ҳамчун давлати соҳибистиқлол, ором ва дорои артиши боэътимод муаррифӣ гардид.

Ташаккули ниҳодҳои ҳарбии кишвар, муҷаҳҳазгардонии низому тартибот ва тақвияти пайвастаи он ба ғамхориҳову ташаббускориҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гашта, дараҷаи касбияти аскарону афсарон ва вазъи муҷаҳҳазгардонии Артиши миллӣ аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии он ба куллӣ фарқ карда, марҳила ба марҳила устувору қавитар мегардад.

**Гирдоваранда**
**Миралӣ СОБИРОВ**





# МАВҚЕИ САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ





Далер РАҲМОН
судяи суди н. Синои ш. Душанбе

Дар илми ҳуқуқшиносӣ марбут донистани санадҳои Суди конститутсионӣ ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқ ва муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар низоми ин сарчашмаҳо баҳснок ба шумор меравад.

Яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани баҳсҳо оид ба он ки санадҳои Суди конститутсионӣ сарчашмаи ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд ё не ва муайян намудани мақоми онҳо дар низоми мазкур он аст, ки аксарияти давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ дохиланд. Аз рӯи доктринаи дар назарияи ҳуқуқ умумиэътирофгардида дар низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ санадҳои судӣ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд ба ҳайси сарчашмаҳои ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ шинохта шаванд. Дар низоми ҳуқуқии мазкур ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ танҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад. Аз рӯи, оид ба он ки санадҳои Суди конститутсионӣ амсоли судӣ мебошанд ва ё ҳамчун санади меъёрии мустақиланд, баҳсу мунозира барпо мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ (шӯравӣ) чунин баҳс дар миёни солҳои 60-уми асри XX ба вуқӯъ пайваста буданд ва одатан қарорҳои Суди Олиро дар бар мегирифтанд. Таваҷҷӯҳи асосӣ ба он зоҳир мегардид, ки Суди Олӣ тавассути қарорҳои худ таҷрибаи судӣ ва омори судиро меомӯзад, ҷамъбаст ва таҳлил менамояд. Аз ҷониби Суди Олӣ эзоҳи роҳбарикунанда оид ба масъалаҳои истифодабарии қонунгузорӣ, ки дар ҷараёни баррасии кори судӣ ба вуқӯъ мепайванданд, дода мешавад. Ҳамчунин ишора карда мешуд, ки чунин қарорҳои Пленум барои иҷро аз ҷониби судҳои поёнии дар ҳудуди кишвар қарордошта ҳатмӣ мебошанд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешуд, ки чунин фаъолияти Суди Олӣ ҳамчун фаъолияти фаҳмондадиҳии ҳуқуқӣ ҳисоб карда шавад ва қарорҳои он бошад ба ҳайси сарчашмаи мустақили ҳуқуқ, яъне амсоли судӣ эътироф гарданд.

Мавқеи мазкур дар солҳои навадуми асри гузашта дастгирии васеъ пайдо намуд. Дар кишварҳои пасошӯравӣ мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ ташкил гардиданд ва худи давлатҳо бошанд, иштирокчии шартнома ва аҳдномаҳои гуногуни байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон гаштанд, ки дар доираи онҳо имконияти муроҷиати шаҳрвандон ба инстантсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ шуда буд. Дар натиҷа ин ба тавсеаи доира ва соҳаи истифодаи таҷрибаи судӣ ва тағйири муносибат ба он аз ҷониби олимон оварда расонд. Ва ин боис гардид, ки дар муайян намудани нақш ва мақоми санадҳои Суди конститутсионӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ ду муносибат ташаккул ёбад:

1) ҳамчун амсоли судӣ;
2) ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ.

Ҷонибдорони нуқтаи назари аввал ба он ишора менамоянд, ки қарорҳои Суди конститутсионӣ на танҳо хусусияти тавзеҳӣ доранд, балки меъёрҳои нави ҳуқуқиро муқаррар менамоянд. Ҳамин тавр, ба ақидаи С.А. Авакян аз ҷониби ҳокимияти муосири судии Россия, пеш аз ҳама, Суди конститутсионӣ, амалан функсияи ҳуқуқэҷодкунанда амалӣ карда мешавад. В.Д. Зоркин низ чунин ақидаро дунбола карда, ишора менамояд, ки дар ҳоли ҳозир раванди тағйироти нақши ҳокимияти судӣ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ба назар мерасад.

Оид ба он ки дар доктринаи ҳуқуқӣ тасаввурот оид ба амсоли судӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ тағйир меёбад, инчунин М.Н. Марченко ишора менамояд. Ба ақидаи ӯ, эътирофи расмии таҷрибаи судӣ ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқ бештар масъалаи амалӣ мебошад, чунки дар низомҳои миллии ҳуқуқӣ хусусиятҳои хос дар ҳуқуқэҷодкунии судӣ вуҷуд доранд. Аз ин лиҳоз якҷо намудани мафҳуми «амсоли судӣ» ба маънои классикӣ, ки дар низоми ҳуқуқии англосаксонӣ истифода мешавад, нодуруст буда, ин бо таҷрибаи истифодаи амсол дар давлатҳои ҷаҳон тасдиқи худро ёфтааст.

Дар адабиёти ҳуқуқи конститутсионӣ оид ба ин масъала пешниҳоди куллан нав ба назар мерасанд. Аз ҷумла, Н.А. Вересова пешниҳод менамояд, ки қарорҳои Суди конститутсионӣ ҳамчун амсоли конститутсионӣ таъйин карда шаванд, ки дар онҳо «қарорҳои судии бо тартиби истеҳсолоти судии конститутсионӣ қабулкардаи мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ, бо мавҷудияти чунин аломатҳо, ба монанди ухдадории умумӣ, ниҳоӣ, эътибори фаврӣ ва тоқатнопазирӣ, ки қисми таркибии он дорои аҳамияти меъёрӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор мераванд, аз тафсири санади конститутсионӣ иборат бошанд».

Дар байни олимони ватанӣ ҷонибдорони тааллуқ доштани санадҳои Суди конститутсионӣ ба амсоли судӣ низ вомехӯранд. Аз ҷумла, ин мавқеъро С.Б. Мирзоев ҷонибдорӣ карда, дар асоси таҳлили фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае омадаст, ки қарорҳои ин мақомоти судӣ хусусияти амсолӣ доранд. Хулосаи худро вай бо он асоснок менамояд, ки қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ барои тамоми мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиқкунанда барои иҷро ҳатмӣ мебошанд ва ҳамин мазмун санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро низ фаро мегиранд.

Ҷонибдорони нуқтаи назари дуввум санадҳои Суди конститутсиониро ба ҳайси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ медонанд. Мавқеи худро онҳо бо он асоснок менамоянд, ки санадҳои Суди конститутсионӣ аз тамоми сифат ва хусусиятҳои, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доранд, бархӯрдор мебошанд. Яқум, ин ки санадҳои Суди конститутсионӣ на танҳо ба муқаррар кардан, балки ба тағйир додан ва бекор кардани меъёри ҳуқуқ ва ё тағйир додани доираи амали онҳо нигаронида шудаанд. Дуюм, санадҳои Суди конститутсионӣ хусусияти умумӣ доранд, чунки барои истифодаи муқаррарӣ ё чандинбора ба назар гирифта шудаанд ва нисбат ба доираи номуайяни субъектҳо амалӣ мешаванд ва умумиҳатмӣ мебошанд.

А.В. Кузменко дар ин маврид зери мафҳуми санадҳои тафсири судӣ «...навъи махсуси санадҳои давлати»-ро мефаҳмад.

Дар байни олимони ватанӣ ҷонибдорони мавқеи мазкур низ ҳастанд. Аз ҷумла, К.Н. Холиқов қайд менамояд, ки санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, чунки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқии муқарраркунанда, тағйирдиҳанда ва бекоркунанда вуҷуд доранд. Аз ин рӯ вай ба хулосае меояд, ки санадҳое, ки тартиби истеҳсолоти судии конститутсиониро муайян мекунанд, қарорҳое, ки дар онҳо ба меъёрҳои конститутсия ҷавобгӯ будани санадҳои ҳуқуқӣ ва масъалаҳои шарҳи меъёрҳои конститутсия муайян мегарданд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқи конститутсионӣ шинохта мешаванд.

М. А. Маҳмудзода қайд менамояд, ки бо назардошти аҳамияти қарорҳои мақомоти назорати конститутсионӣ дар рушди низоми ҳуқуқӣ ва нақши он дар таъмин намудани қонунияти конститутсионӣ дар кишвар бояд эътироф кард, ки санадҳои Суди конститутсионӣ сарчашмаи нави ҳуқуқ буда, ба воситаи онҳо Суди конститутсионӣ вазифаи ҳуқуқтанзимкунанда (ҳуқуқислоҳкунанда)-ро оид ба меъёрэҷодкунии ҳокимияти умумӣ, ки ба таъмин намудани волоияти Конститутсия равона гардидааст, иҷро менамоянд.

Дар асоси таҳқиқи нуқтаҳои назари пешниҳодшуда мо ба хулосаҳои зерин омадем: санадҳои Суди конститутсионӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ, аз ҷумла, ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон бо ин ба ақидаи мо онҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ба ҳайси санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф мешаванд. Мо бо мавқеи муаллифоне, ки қарорҳои Суди конститутсиониро ба амсоли судӣ тааллуқ намедонанд, ҳамфикрем ва ҷонибдори нуқтаи назар оид ба ҷудо намудани санадҳои Суди конститутсионӣ аз санадҳои судӣ доираи умумии ҳуқуқ ва арбитражӣ (иқтисодӣ), ки маҳз амсоли судӣ ҳисоб мешаванд, мебошем.

Пас аз муқаррар кардани он ки қарорҳои Суди конститутсионӣ дар шакли санади меъёрӣ сарчашмаи ҳуқуқ мебошанд, зарурати муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ ва ҳуқуқи конститутсионӣ пеш меояд.

# АРТИШИ МИЛЛӢ – КАФИЛИ АМНИЯТИ МИЛЛАТ



**Амиркул ҶУМЪАЕВ**
**донишҷӯи соли 2**

Таърих худ гувоҳ аст, ки Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии иттифоқӣ дар ҳайати ИҶШС аз соли 1929 то охири солҳои асри гузашта яъне то солҳои 90-ум арзи ҳастӣ намудааст. Дар охири солҳои асри гузашта давлати абарқудрати шӯравӣ пароканда шуд. Пас аз пароканда шудани ИҶШС ҳамаи он ҷумҳуриҳои иттифоқие, ки дар ҳайати он арзи ҳастӣ намуда буданд, истиқлолияти комили худро ба даст оварда, худро ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд дар арсаи байналмилалӣ эълон намуданд. Пас аз ин ҳолат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нав истиқлолияти комили худро ба даст оварда буд ва мақсади ба пешравию комёбиҳо моил гардиданро дошт аз ҷониби якзумра ашхоси бадхоҳи миллат дар ин кишвари тозабунёд ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сарзад ва садди роҳи муфаққияти ин кишвари ҷавон гардид.

Дар ин лаҳзаи бисёр хатарнок ва мушкил аз ҷониби роҳбарияти олии ҷумҳурӣ зарурати таъсис додани артиши миллӣ ба миён омад. Дар ин вақти бисёр ноором ва вазъи бисёр муташаккил таъсис додани чунин ниҳоди давлатӣ бисёр душвор ва зарур буд. Билохир, аз ҷониби роҳбари ҷавоне, ки ба ҷавонии худ нигоҳ накарда як кишвари ҷангзада, ноором, иқтисоди фалаҷ ва бидуни артишро, ки роҳбарияшро ба уҳдаи худ гирифта, дар пеши худ мақсад гузошт, ки артиши миллиро таъсис дода, кишварро аз ноороми раҳо менамояд, роҳҳои таъсис додани артиши миллиро дида баромад . Дар ин вақт ягон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон рутбаи генералӣ надошт, то ки роҳбарии артишишро ба уҳда гирад. Роҳбари ҷавони мамлакат Эмомали Раҳмон дар майдонҳое, ки дар онҷо ҷанг буд сафар намуда, бо роҳбарони дастаҳои фронти халқӣ, ки бар зидди мухолифин мубориза мебурданд гуфту шунид намуда, дар байни онҳо шахсиятҳои арзандаро, ки дар ин ниҳод таҷрибаи корӣ ва маҳорату малакаи зиёд доштанд, ба сафи қувваҳои мусаллаҳ ҷалб намуданд ва ҳамин тавр, Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як замони ноором ва бидуни афсарону сарбозони бомаҳорату малака таъсис ёфт. Дар ин вақти таъсисёби вазифаи асосии Артиши миллӣ ва мақомотҳои зертобеи он ин ором кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ором намудани ҷанг дар саросари кишвар ва ҳифзи аҳолӣ аз таҷовузи ҷинояткорона буд. Артиши тозабунёд, ки қариб ягон техникаву таҷҳизоти ҷангии комил надошт нотарсида бо ғурури мардонагии афсарону сарбозони худ бар зидди душман мубориза бурда, билохир, пирӯзӣ ба даст оварда, пойи душманро аз хоки кишварамон дур намуд.

Ҳамин, тавр аввалин маротиба 01 феврали соли 1993 дар майдони марказии шаҳри Душанбе аввалин гузашти ҳарбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати 5000 афсару сарбоз гузашт, ки умеди мардуми кишварро дубора ба зиндагӣ намудан гарм намуд.

Айни замон Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз артишҳои неруманд дар минтақа ба ҳисоб рафта, пайваста дар мусобиқаҳои ҳарбие, ки дар ҳудуди давлатҳои минтақа доир мегардад, ҷойҳои ифтихориро ишғол менамоянд. Артишии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нерӯи асоситарини кишвар ба ҳисоб рафта, дар замони истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри ба воя расонидани афсарону сарбозони далер, ҷасур, ғаюр ва боирода муассисаҳои олии ҳарбӣ аз ҷумла Донишкадаи ҳарбии Вазорати Мудофиаи ҶТ, Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ-и ҶТ, Академияи ВКД-и ҶТ ва инчунин як қатор литсейҳоро таъсис додааст. Сарбозони далеру ҷасури артиши миллии мо ватани моро аз сарҳад бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бахри осуда умр ба сар бурдани мо шабу рӯз хоб накарда, нигоҳу бин мекунанд.

Аз соли 1993 инҷониб ҳама сола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 23 феврал ҳамчун рӯзи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад ва соли ҷори санаи 23 феврали соли 2023 аз таъсиси артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол сипарӣ мегардад, ки дар ин муддат артиши миллии мо ба бисёр дастовардҳо ноил гардидааст.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, банда тамоми хизматчиёни ҳарбӣ, афсарону сарбозон, хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни ҳарбие, ки айни ҳол дар нафақа қарор доранд ва тамоми шахсоне, ки дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ хизмат намудаанд бо фарорасии 30-юмин солгарди Қувваҳои мусаллаҳ табрик менамоям.

# ҲОМИИ СУЛҲУ СУБОТИ ВАТАН

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳифзи марзу буми Ватан вазифаи муқаддаси ҳар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин меъёрро Конститутсия ҶТ дар м.43 пешбинӣ намудааст: “Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амнияти давлатӣ ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян менамояд”.

Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар тӯли 30-сол аст, ки рисолати муқаддаси худ - ҳимояи амнияти давлати соҳибистиқлол ва зиндагии ором осоиштаи мардуми Тоҷикистонро бо устувориву фидокорӣ иҷро карда истодааст.

Артиши миллии Тоҷикистон дар зарфи беш аз ду даҳсола ба мактаби тарбияи ватандӯстиву ватандорӣ ва меҳнату мардонагӣ табдил ёфта, то имрӯз дар сафҳои худ даҳҳо ҳазор ҷавони обутобёфтаро ба камол расонидааст. Имрӯз ҷавонони бонангу номуси тоҷик хуб дарк мекунанд, ки хизмат ба Ватан барои онҳо қарзи муқаддаси фарзандӣ



**Хусрав РАҶАБЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

ва рисолати мардонагист.

Ҳукумати мамлакат дар доираи барномаҳои рушди Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҷиҳати ба мактаби воқеии омодасозии муҳофизони Ватан табдил додани ҷузъу томҳои низомӣ аз ҳамаи захираҳо истифода мекунад. Зеро дар марҳалаи имрӯзаи рушди давлатдории миллӣ фазои ором осудаи Ватан ва таъмини амнияти давлат ва ҷомеа аз сатҳи масъулиятшиносӣ ва садоқати низомиён - аз сарбози қаторӣ то афсари олирутба вобаста мебошад. Аз ин хотир, ҳар афсару сарбоз ва ҳар ҷавоне, ки ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дохил шуда савганди ҳарбӣ ёд мекунад, ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки хизмати ҳарбӣ, аз ӯ, пеш аз ҳама, иродаи матин, донишу маърифати муосир ва эҳсоси садоқату самимият ба халқу Ватанро талаб менамояд. Чунки ҳифзу ҳимояи амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа ва ҳаёти осудаи сокинони мамлакат бар зимаи хизматчиёни ҳарбӣ, яъне ҳайати шахсии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзу ҳуқуқ гузошта шудааст ва онҳо вазифадоранд, ки ин неъмати бебаҳо - сулҳу субот ва оромиву осоиши ҷомеаро чун гавҳараки чашм эҳтиёт кунанд.

Мардуми Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар кадом вазъу шароит қарор дошт, ҳоло дар натиҷаи тадбирҳои пайвасти давлат ва Ҳукумати мамлакат дар кадом сатҳ аст. Барои сохторҳои низомӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст.



# ҲИФЗИ ТАМОМИЯТИ АРЗӢ



**Амирҷон ЮСУПОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Ҳар мамлакат дорои артиши худ мебошад. Хушбахтона Тоҷикистони ҷавон низ дорои Артиши миллии худ мебошад. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдат – Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, ки он замон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд 18-уми декабри соли 1992 «Қарор дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расид. Дар асоси ин қарор, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумуҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби «Фронти Халқи» таъсис ёфт.

23-юми феврали соли 1993 аввалин гузашти низомии расмии Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ баргузор гардид ва ин санаро таърих ҳамчун рӯзи таъсисёбии Артиши миллӣ медонад. 23 феврали соли 2023 аз таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол сипарӣ мегардад, ки ин ҷашни басо муборакy фархунда аст. Дар тӯли 30 сол Артиши миллии ҶТ тараққӣ карда, ба дастовардҳои пуррифтихор ноил гардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як суханронии худ зикр карда буданд, ки баъд аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон, ки солҳои басо мудҳиш буд, дар Артиши миллӣ яроқу аслиҳа ангуштшумор буд. Маҳз бо дастгириву кӯмакҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллӣ хело тароқӣ кард ва бо яроқу аслиҳаҳои замонавӣ таъмин гардидааст.

Сарбозону афсарони шуҷои Ватан ҳамеша бахри ҳифзи марзу буми кишвар омода буда, ҳеҷ гоҳ намегузоранд то душмане ба хоки Тоҷикистон қадам гузорад ва онро хароб созад. Ҷавонмардони тоҷик бо хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ исбот менамоянд, ки дар ҳақиқат ин ниҳод сипари миллат, ҳомии сокинони



**Пайрав АБДУРАҲИМОВ**
**донишҷӯи соли 1**

кишвар ва таъмингари сулҳу субот мебошад.

Ҳамасола, беш аз ҳазорҳо ҷавонони бо нангу ор ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ даъват мегарданд ва ин мактаби мардонагиро мегузаранд.

**Муборак бод, ҷашни ифтихори милатти мо-**
**Артиши мо!**
**Муборак бод, аҳди барқарори миллати мо-**
**Артиши мо!**
**Муборак рӯзи сарбоз, рузи парвоз, рӯзи Артиш!**
**Муборак бод, ҷашни нурбори миллати мо-**
**Ариши мо!**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА БУНЁДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



Сулҳу субот ва ризоияти миллӣ ба халқи шарафманди тоҷик ба осонӣ муяссар нашудааст. Ҳар гоҳе сухан оид ба замина ва сабабҳои сулҳ меравад, андешаҳо гуногун мешаванд ва ҳар шахс кӯшиш мекунад, ки воқеияту ҳақиқатеро дар ин мавзуъ ошкор ё баён намояд. Вале воқеияти мусаллам ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузор ва барқароркунандаи сулҳу субот дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Ба шарофати Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 16 ноябр то 2 декабр соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардида буд ва дар он 197 вакил иштирок дошт, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 19 ноябр дар рӯзи сеюми иҷлосия Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Дар ин замина, тавассути кору пайкори фарзандони фарзонаи миллат, кӯшишу ғайрат ва сиёсати хирадмандонаи Сарвари кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёд ва таҳкими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд дунявӣ ва ягона, замина гузошт ва дар ин замина Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик ба имзо расонда шуд.

Бо иқдоми бевоситаи ӯ аз 5 то 19 апрели соли 1994 бо миёнравии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Москва нахустин воҳӯрии ҳайати ҳукуматӣ бо намояндагони мухолифин доир гардид.

Дар марҳилаҳои аввали музокирот масъалаҳои марбут ба хотима додани амалиёти ҷангӣ, андешидани тадбирҳо доир ба барқарорсозӣ ва таҳкими ҳусни тафоҳум, бозгашти бемамоният ва бехатарии гурезаҳо ба ватан мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар анҷоми марҳилаи аввал комиссияи муштарак оид ба гурезҳо таъсис дода шуд.

Марҳилаи дуюми музокирот байни тоҷикон аз 18 то 28 июни соли 1994 дар шаҳри Теҳрон (Ҷумҳурии исломии Эрон) доир гардид.

Дар ҷараёни гуфтушунидҳои басо мураккаб, консепсияи оташбас бо дар назардошти ақидаҳои изҳоргардида мавриди муҳокимаи муфассал қарор гирифт. Лоиҳаи протокол доир ба усулҳои назорат аз тарафи намояндаи махсуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод карда шуд.

Аммо дар баррасии масъалаи марбут ба муҳлати татбиқи созишномаи оташбас ихтилофи назарҳо ба амал омад, ки он барои ба имзо расидани Созишнома, оид ба қатъи амалиёти ҷангӣ монеъ шуд.

Марҳилаи сеюми музокироти байни тоҷикон аз 20 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломобод (Ҷумҳурии исломии Покистон) доир шуд. Дар ин музокирот ба тарафҳо муяссар гардид, ки муҳлати амали созишномаро ба муҳлати се моҳ тамдид намоянд.

8-уми октябри соли 1996 дар шаҳри Теҳрон гуфтушунид миёни гурӯҳҳои кории Ҳукумати Тоҷикистон ва намояндагони мухолифин оғоз ёфт. Ҳадафи асосии ин воҳӯрӣ таҳия намудани санаде буд, ки мебоист се гурӯҳи масъалаҳоро фаро мегирифт; дароз кардани муҳлати оташбас ивази асирони ҳарбӣ ва маҳбусон; роҳҳои ҳамкории мухолифин бо Ҳукумати Тоҷикистон. Инчунин, санаи 23-уми декабри соли 1996 дар шаҳри Москва аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифини Тоҷикистон созишномае ба имзо расид, ки мутобиқи он тарафҳо ӯҳдадор шуданд, ки ҳама гуна музокиротро то 1 июли соли 1997 ба анҷом расонанд. Ҳадафи асосии ин созишнома қатъи ҷанги гражданӣ дар ҷумҳурӣ буд. Қисми асосии созишномаро протокол дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) ташкил менамуд.

27-уми июни соли 1997 дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини Тоҷикистон ва намояндаи махсуси котиби Генералии СММ Герд Дитрих Меррем дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Санади мазкур ба музокироти байни тоҷикон, ки тахти сарпарастии СММ беш аз се сол идома ёфт, ҳусни хотима бахшид.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар роҳи расидан ба сулҳ, ба Ватан баргардондани садҳо ҳазор гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, давлатҳои алоҳида ҳамчун падидаи нодир эътироф шуда, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор ёфта аст. Бо мақсади



Некрӯз ҚОДИРОВ
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, дотсент

омӯзиши таърихии сулҳи тоҷикон ва тоҷикистониён дар шаҳрҳои Душанбе, Санкт-Петербург, Москва ва ғайра конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, симпозиумҳо гузаронда шудаанд.

Таҷриба сулҳофарии тоҷикон ва хоссатан нақши Роҳбари олии кишвар Пешвои миллат бениҳоят калон аст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадор ва сулҳовари беназир аз ҷониби сиёсатмадорони ҷаҳон эътироф ва шоистаи таҳсин гардидааст.

Собиқ Котиби генералии СММ Кофе Анан таъкид намуда буд, ки таҷрибаи сулҳи Тоҷикистон ба бисёр мамлакатҳо дар бобати бартараф кардани ихтилофоти дохилӣ ибрати беназир нишон дод. Ба фикри ман мегӯяд Кофе Анан ин саҳми Тоҷикистон ба таърихи эҷоди сулҳ беназир аст.

Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин қайд менамояд, ки Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни сиёсатмадорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дарТоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ як мамлакате, ки чунин вазъияти муташанниҷ дошт, дида намешуд.

Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко ибрози андеша намуда мегуяд, ки меҳнати фидокоронаи ҷандинсолаи Эмомалӣ Раҳмон, ки ба таҳкими сулҳу субот, баланд бардоштани некуаҳволии халқи тоҷик ва пойдории нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ равона гардидааст, сазовори эҳтироми ниҳоят баланд мебошад.

Ба андешаи собиқ Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, мо саҳми Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими ваҳдати халқи тоҷик, рушди кишвар, ҳамчунин, дар рушди сиёсиву иқтисодӣ баланд арзёбӣ мекунем. Дар ин давраи кутоҳи таърихӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муваффақиятҳои калон ноил шуда, узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ гашт.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев чунин тазаккур менамояд, ки мардуми Ӯзбекистон аз дастовардҳои назарраси Тоҷикистон дар ҳама соҳаҳо, ки ба шарофати сиёсати дурбинона, ҳикмати давлатдорӣ ва меҳнати фидокоронаи Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд, хушҳол аст. Тахти роҳбарии ин марди хирадманд дар Тоҷикистон фазои сулҳу осоишта ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ устуворона таъмин гардид, нуфузи он дар арсаи ҷаҳонӣ боло меравад.

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷин Пин таъкид намудааст, ки Тоҷикистон тахти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон роҳи рушдро муваффақона интихоб намудааст. Имрӯз суботи сиёсӣ, рушди босуръати иқтисодӣ, беҳтаргардии мунтазами некуаҳволии мардум ва тақвияти нуфузи ин кишвар ҳам дар минтақа ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ ба назар мерасад.

Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев мегуяд, ки сиёсатмадории Эмомалӣ Раҳмон бо сифатҳое чун хирадмандиву ҷасурӣ, ҳадафмандӣ ва аз ҳама муҳиммаш, бо такя доштанаш ба дастгирии халқ мешиносанд. Муҳаббат ба халқи хеш ва таъмини ҳаёти шоиставу арзанда барои мардуми тоҷик мақсаду мароми ӯст.

Қаҳрамони миллии Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд қайд менамояд, ки истиқлолият ба Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – ин сиёсатмадори дараҷаи байналмилалиро дод. Имрӯз ӯ машҳуртарин фарзанди Тоҷикистон ва тамоми тоҷикони ҷаҳон ва дӯсти ҳақиқии Афғонистон аст.

Адиб, сиёсатмадор, нависанда, журналист ва публитсисти рус Александр Проханов менависад, ки Эмомалӣ Раҳмон - сарвари маънавӣ ва сиёсӣ буда, дар замони роҳбарии ӯ ҷанги шаҳрвандӣ дар муҳлати кутоҳ қатъ шуд. Ӯ ғолиби қасдгир нашуд, балки мардумро барои сохтани кишвари нав муттаҳид кард ва Душанберо ба шаҳри биноҳои тасҳиркунанда, донишгоҳҳо, осорхонаҳо ва боғу гулгаштҳо табдил дод.

Имрӯз, ки мо сулҳро ҳамчун ғояи миллии Тоҷикистон эълон кардаем, ҳамаамон чӣ хурду чӣ бузург, бояд ин гавҳари гаронбаҳоро эҳтиёт кунем, онро ҳифз намоем ва нагузорем, ки ба ин кохи мӯҳташами миллат, ки номаш хонаи сулҳ аст, осебе расад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, ки арзиши муқаддасу таърихӣ омили муҳимтарини ҳамаи дастовардҳои миллати мо баъди истиқлолияти давлатӣ, бешубҳа, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ мебошад.

Дарвоқеъ, ваҳдати миллӣ шукуфоии Ватан аст, зеро дар давлате, ки сулҳу амонӣ ва дӯстӣ ҳукмфармост, он давлат рӯз то рӯз инкишоф меёбад, иқтисодиёташ тадриҷан меафзояд, ҳамаҷониба пеш меравад.

Айни замон, ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст, метавонад дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангии худро барои ҷаҳониён бо арзи сипосу ифтихор ва сари баланд нишон диҳад, ки яке аз ин дастовардҳои беназир сиёсиву ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу осоиштагӣ ба ҳисоб меравад.

# АРТИШИ МИЛЛӢ – ТАҲКИМБАХШИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ



Санаи 22 феврали соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносӣ мизи мудаввари илмӣ - назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Артиши миллӣ – кафили Истиқлолияти давлатӣ» баргузор гардид.

Дар рафти чорабинии мазкур, таъкид карда шуд, фаъолияту дастовардҳои Артиши мамлакатро дар тӯли 30 соли таъсисаш метавон натиҷаи пурсамари ҷоннисорони миллат баҳри ҳифзу дифои ҳар ваҷаб замину ҳар зарраи хоки диёр номид.

Иштирокчиён иброз доштанд, ки нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёду рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон беназир аст. Зеро, Артиши миллии Тоҷикистон замоне таъсис дода шуд, ки раванди тезутундшавии вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар дар ҳолати вазнину нооромм қарор дошт ва низомиёни касбӣ дар кишвар қариб ки мавҷуд набуданд.

Дар охир, аз ҷониби иштирокчиёни мизи мудаввар иброз гардид, ки ҷашни 30-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ барои мо ҷавонони содиқи Ватан ҷашни одию муқаррарӣ нест, балки рӯзи ифтихору шукрона аз давлати миллию Артиши он, аз Истиқлоли давлатӣ, рӯзи шукрона аз Ваҳдати миллӣ мебошад.



# ВАТАН – ҲАСТИИ ҲАР ЯК МИЛЛАТ



**Шаҳром МУРОДЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Агар мо ба саҳифаҳои таърих назар намоем, пас маълум мешавад, ки Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зодаи Истиқолият буда, дар шароити вазнин таъсис ёфтааст. Аз рӯзҳои авали таъсиси Артиши миллӣ афсарони мо дар сангарҳо ҷангиданд, танзимгари сохтори ташкилию штатии худмашғул шуданд. Таҳкурсии моддӣ-техникӣ умуман вуҷуд надошт. Норасоии кадрҳои ҳарбӣ ва мутахассисони касбӣ дар ҳама ҷанбаҳо ҳис мешуд. Сарфи назар аз ин мушкилиҳо ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар солҳои душвори муқовимат роҳи пурпечутоберо тай намуда, таҷриба андӯхт ва ба яке аз артишҳои касбии минтақа табдил ёфт. Бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ кори осон набуд ва он давра ба давра сурат гирифт.

Мақсади асосии давраи авали сохтмони Артиши миллӣ ин ташкили қувваҳои миллӣ ин ташкили қувваҳои ҳарбие, ки қобилияти таъмини истиқлолият, якпорчагии хоки Ватан ва оромии ҳаёти осоиштаро дошта бошад. Ба ин мақсад, бригада ва баталиёнҳои тарандоз таъсис ёфта, вазифаи асосии онҳо муқовимат бо қувваҳои зиддидавлатӣ ва муҳофизати сохти конститутсионӣ буд.

Дар ин ҷабҳа, саҳми Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо калон мебошад.

Имрӯз афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар бо дарки баланди масъулияти касбӣ вазифаҳои худро содиқона ба ҷо оварда, барои пешгирии ҳар амалу кирдоре, ки амният ва ҳаёти осоиштаи сокинони кишварро зери хатар мегузорад, омода мебошанд.



# THE ROLE OF NATIONAL ARMY IN OUR SOCIETY



**Muhammadjon IBRAGIMOV**
**Active member of the Youth Public Organization «Creators of Motherland» at Primary Executive Committee «Knowledge» of TNU**

The national army plays an important role in the construction and further strengthening of the national state and state independence. There are only a few days left to celebrate this holiday. The activities and achievements of the country's army during the 30 years of its establishment can be called the fruitful result of the nation's life-savers for the protection and defense of every inch of the land and every particle of the country's soil. The role of the founder of peace and national unity-the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, in the creation and development of the Armed Forces of Tajikistan is unique.

After the collapse of the Soviet Union, despite the fact that the country was surrounded by a complicated military-political situation and internal conflicts, Emomali Rahmon was able to present himself as the founder of the national army and other military structures and units of our country. Because the National Army of Tajikistan was established at a time when the political, economic and social situation of the country was in a difficult and unstable state, and there were almost no professional soldiers in the country. At the same time, the organization of our National Army was started from scratch. Speaking at the ceremonial event in honor of the 26th anniversary of the establishment of the Armed Forces on February 23, 2019, the President of the country, Emomali Rahmon, said: «When the decision was made to establish the Armed Forces, we did not have a Ministry of Defense, nor infrastructure facilities.



## СӮГВОРӢ

Садорат, ҳайати омӯзгорону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ба ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рудакӣ Раҳмон Дилшод Сафарбек – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ нисбати даргузашти

**ТАҒОЯШ**

академик Ҳайдар Сафиев изҳори тасаллият намуда, ба аъзои оила ва хешу ақрабои марҳум аз даргоҳи Яздони пок сабри ҷамил хоҳонанд.

Садорат, ҳайати омӯзгорону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ба Маҳмудов И.Т. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ нисбати даргузашти

**АПААШ**

изҳори тасаллият намуда, ба аъзои оила ва хешу ақрабои марҳум аз даргоҳи Яздони пок сабри ҷамил хоҳонанд.

Садорат, ҳайати омӯзгорону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ба Аҳмадов Муҳаммадалӣ Сайхуҷаевич – ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ нисбати даргузашти

**ПАДАРАШ**

изҳори тасаллият намуда, ба аъзои оила ва хешу ақрабои марҳум аз даргоҳи Яздони пок сабри ҷамил хоҳонанд.

# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАҲКИМИ ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН





Самиаллоҳ ШЕРАЛИЗОДА
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

Тарбияи ватандӯстии насли наврас ва ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, зери таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ин лиҳоз, 24 декабри соли 2022 аз ҷониби Пешвои миллат Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба тасвиб расид, ки барои шароити имрӯзаи мамлакат айниҳолӣ дониста мешавад.

Ватандӯстӣ дӯст доштан ва содиқ будан ба Ватан ва миллати худ, ғамхорӣ ба манфиатҳо ва тақдири таърихии кишвари худ, эҳтиром гузоштан ба гузашта ва арзишҳои милии Ватан, ифтихор доштан аз дастовардҳо ва муваффақиятҳои ҳамватанони худ мебошад. Дар ҳаёт ин эҳсосот дар шакли донишҳо арзишҳо рафтору муносибат ба Ватан зоҳир мешавад.

Ватандӯстӣ як унсури ҳувияти миллӣ мебошад. “Ҳувияти миллӣ падидаест, ки аз андеша, ойин ва арзишҳои ба ҳам алоқаманди ҷомеа иборат аст. «Ҳувият» вожаи арабӣ буда, бо маъноҳои: а) ҷавҳар, бех, бун, асл, моҳият; б) ҳуввият, шахсият, шахс, симо, фардият; в) шайъ, ҳақиқати мутлақ, моҳияти ҷузъӣ истифода мешавад. Ин мафҳум даъватест ба ягонагии миллӣ, ки барои пайдо намудани фазои худшиносӣ ва ҳисси миллии инсон замина мегузорад”. Нақши муҳити оила дар тарбияи ҳувияти миллӣ хеле бузург аст. Устувор нигоҳ доштани оила дар ҷомеа ва ҷой кардани ҳувияти миллӣ дар зеҳни фарзанд дар муҳити хонаводагӣ аст.

Масъалаи асосие, ки дар ин замина пешорӯйи миллат қарор мегирад, роҳ надодан ба бегонашавӣ, бегонапарастӣ ва беэҳтиромӣ ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат, парвариши шахсиятҳои фарҳангии худогоҳ, асил, парварда бо ормонҳои волои ҷомеаи анъанавӣ ва ғояҳои бузурги замони нав, миллатпарвар, меҳнатдӯст ва фидокор, нахустин ва муҳимтарин марҳалаҳои худшиносии иҷтимоию маънавӣ ва худогоҳии миллии шахс дар рафти таҳсилоти миёнаву олӣ бояд бошад.

Ватандӯстӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсур иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар доранд. Тарбияи ватандӯстӣ аз оила, боғча, мактаб оғоз шуда, ниҳоят дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ба камол мерасад.

Тарбияи ватанпарварӣ маънои ташаккул додани инсонро дошта, ҳадафи он дар ниҳоди наврасон парваридани хислатҳои мардонагиву далерӣ ва эҳсоси муҳаббату садоқат ба Ватан мебошад. Мақсад ва мазмуни тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ ба ҳимояи Ватан нигаронда шудааст.

Нақши қонуни болозикр дар тарбияи насли наврас ва ҷавононй имрӯза мавқеи калидиро ишғол мекунад, чунки қисми зиёди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро наврасону ҷавонон ташкил медиҳанд.

Дар давоми 31 соли истиқлолият дар самти баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа, муҳайё сохтани шароити мусоид барои таълиму тарбияи онҳо, илму касбомӯзӣ, азхуд кардани забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои муосири иттиллоотию коммуникатсионӣ тамоми шароити зарурӣ муҳайё буда, инчунин барои амалӣ намудани ташаббусҳои ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварда шуд.

Ба мақсади баланд бардоштани савияи донишу малакаи наврасону ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати кишвар бахсус Пешвои муаззами миллат ак қаттор озмунҳои ҷумҳуриявӣ дар намуди “Фӯруғи субҳи донои китоб аст”, “Тоҷикистон ватани азизи ман”, “Тоҷикон дар оинаи таърихи миллат” “Илм фуруғи маърифат” ки ин бори дигар собит месозад, ки Ҳукумати кишвар ба насли наврасону ҷавонон умеди калон дошта, такя ба ин қишри оянддсози ҷомеа менамояд.

Мо дар партави суханҳои Пешвои муаззами миллат ва пайравӣ аз ин корнамоиҳои Қаҳрамони миллат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намуда, дар рушду нумуи ин давлату миллат саҳми назараси худро гузошта, ҳамаи он дастуру супоришҳои Пешвои миллатро ҳамчун роҳнамо ва дастурамали рӯимизӣ қарор медиҳем.

# АРТИШИ МИЛЛӢ – ЗОДАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



Муҳаммад ҚОСИМӢ
донишҷӯи соли 3

23-юми феврал аз таъсиси Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол сипарӣ мешавад. Артиши миллӣ фаъолияти хешро дар соли 1993 дар авҷи ҷанги дохилӣ шуруъ карда, солҳои баъди низ, ҳамеша дар амалиёт ва ҷораҷӯии амниятӣ саҳм гузошта истодааст. Аз соли 1998 шуруъ карда, пайваста дар тамринҳои минтақавӣ ва байналмиллалӣ ширкат карда, саҳми муносибе дар мубориза муқобили терроризми байналмиллалӣ ва дигар зуҳуроти номатлуби ҷаҳонӣ доранд.

Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зодаи Истиклол буда, дар шароити вазнин таъсис ёфтааст. Бинобар ин, мо бояд шукронаи истиқлолият ва шукронаи ин Ватан кунему дар ободтар гаштани он саҳми хешро гузорем. Зеро, Қувваҳои Мусаллаҳ дар миёни нерӯҳои ҳарбии ҳамаи кишварҳои ҳамсоя таҷрибадор аст, чун як ҷанги дохилии худудан панҷсоларо ҳам пушти сар гузошт.




Ҳукумати мамлакат бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодиву молиявӣ ҳанӯз дар аввалин солҳои Истиқлолияти давлатӣ ба таҷдиду азнавсозии инфрасохтор ва таъсиси ҷузъу томҳои махсусгардондашуда эътибори махсус дода, дар баробари таъминоти онҳо бо техникаву таҷҳизоти муосир, ба омодасозии кадрҳои баландихтисоси низомӣ шуруъ намуда буд. Афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори мухолифати дохилӣ (1992-1997) қарзи ватандории хешро садоқатмандона иҷро намуда, дар роҳи ба эътидол овардани вазъият, таъмини сулҳу субот ва безарар гардондани гуруҳҳои экстремистиву террористӣ рисолат худро ба таври шоиста адо мекарданд.

Дар замони муосир қувваи асосие, ки ба амнияти минтақавию ҷаҳонӣ таҳдиди хатар мекунад, ин терроризми байналмилалӣ ва экстремизми сиёсӣ аст. Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар ҳақиқат сипари боэътимоди давлат, ҳимоятгари асосии сокинони кишвар ва сулҳу ваҳдат дар ҷомеа мебошанд.

Бигзор дар сарзамини соҳибистиқлоламон сулҳу оромӣ ҳамеша пойдор бошад ва мо тамоми саъю кӯшиши худро ба он равона созем, ки сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ ба хотири ояндаи неки кишварамон устувору ҷовидон боқӣ монад!

# ТАЪСИРИ ТЕХНОЛОГИЯ БА СОҲАИ ҲУҚУҚШИНОСӢ



Шахриёр ЗАБИРОВ
донишҷӯи соли 2

Номгузори шудани асри XXI – асри илму технология аз бисёр ҷиҳат муфид, вале боз дар навбати худ ҷиҳатҳои манфиро низ соҳиб аст. Бо суръати кайҳонӣ тараққӣ ёфтани техника ва технология дар замони муосир барои ҳар як фарди сайёра айён аст. Таъсири ин раванд, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дида мешавад. Алалхусус, дар соҳаи тиб, информатика, клонсозӣ, трансплантатсия, ҳуқуқшиносӣ ва ғайра.

Мисоли таъсири технология ба соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба таври равшан ба чашм мерасад, аз қабили пайдоиши ақидаҳо оид ба насли чоруми ҳуқуқҳои инсон, пешниҳод намудани андеша оид ба мурофиаи электронӣ, ки то дараҷае корри судяҳоро осон хоҳад кард, зеҳн (қобилият, хирад)-и сунъӣ; сохтан ва ба истифода додани прокурори рақамӣ ва ғайра махсуб меёбад.

Агар дар ин самт ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ назар афканем, аён мегардад, дар Ҷумҳурии Мардумии Чин зеҳни сунъие, ки ихтироъ гардидааст, ки дар худ функсияҳои прокурорро доро мебошад. Зеҳни сунъи ё прокурори рақамӣ бо 97%-и дақиқӣ гунаҳгорро айбдор мекунад.

Ба гуфтаи таҳиягарон, ин системаи нав кори прокурорҳоро осон мекунад, то онҳо тавонанд бо парвандаҳои мураккабтар сару кор гиранд.

Прокурори рақами аз рӯи 17 ҳазор парвандае, ки аз соли 2015 то 2020 баррасӣ шуда буд, омӯзонда шудааст. Прокурори рақамӣ ё зеҳни сунъӣ танҳо парвандаҳои ҷиноятиро баррасӣ мекунад. Намудҳои ҷиноятҳое, ки ин система баррасӣ мекунад, чунин мебошанд:

- Қаллобӣ;
- Қиморбозӣ;
- Дуздӣ;
- Қаллобӣ;
- Қасдан расондани зарар;
- Монеъ шудан ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ғайра.

Таҳиягарон итминон доранд, ки дар оянда зеҳни сунъӣ ё прокурори рақамӣ метавонад ҷиноятҳои боз ҳам мураккабро баррасӣ кунад. Аз ин рӯ, зикр кардан имконпазир аст, киояндаи тамоми кишварҳои ҷаҳонро амалӣ намудани чунин таҷриба интизор аст.





# РӮЗИ МУҲОФИЗОНИ ВАТАН

23 феврал чун анъана яке аз муҳимтарин ҷашнҳо – Рӯзи муҳофизони Ватан таҷлил карда мешавад. Ин на танҳо рӯзи гиромидошти сарбозон ва ҷанговаронест, ки дар солҳои ҷангу душвориҳо ба Ватан хидмат карда, онро дифоъ намудаанд, балки ин санаи муҳим, аллакай ба як навъ «рӯзи тамоми мардон» дар кишвар табдил ёфтааст. Чун анъана 23 феврал иди касбии хизматчиёни ҳарбӣ махсуб мешавад, вале дар ин рӯз маъмулан ҳама мардонро новобаста аз синну сол ва касбашон табрик мекунанд. Дар ин рӯз, аз табрикот ҷавонон низ маҳрум нестанд, ба он далел, ки онҳо дарк намоянд, то дар оянда чи рисолати муҳим ва масъулиятнок ба зиммаи онҳо вогузор мешавад.



Дилрабои АБДУҶАББОР
донишҷӯи соли 3

# ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ – АСОСИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

**Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол роҳу равиши давлатдориро дар натиҷаи ноил гардидан ба соҳибистиқлолии кишвар пеша намуда, ҳамчун давлати мустақил арзишҳои умумибашарӣ ва миллиро ҳифз намуда, консепсияву барномаҳои давлатдории миллиро вазифаи аввалиндараҷаи худ меҳисобад.**

Мақсади асосии кишвари мо дар шароити имрӯза, аввалан, амалигардонии ҳадафҳои стратегии кишвар ба ҳисоб меравад. Зеро, ба амали гардидани ин ҳадафҳо, имконияти пешрафти давлату давлатдорӣ мавҷуд буда метавонад. Ҳадафҳои стратегии миллӣ барои Тоҷикистони осоишта аз инҳо иборат аст: таъмини истиқлолияти энергетикӣ; раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ; таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар.

Вобаста ба масъалаи мазкур давлату ҳукумати мамлакат пайваста талошҳои беинтиҳоро дар пайравӣ аз сиёсати давлатсозии Пешвои миллат амалӣ гардонда, кӯшиш менамоянд, ки ҳарчи тезтар мо ба ин мақсадҳоиояндабинонаи худ расем. Зеро расидан ба ҳадафҳои стратегӣ на танҳо вазъи иҷтимоии мардуми кишвар хубтар мегардад, балки он таъсири худро ба амният субот, ҳифзи арзишҳои миллӣ, таҳкими истиқлолият ва ваҳдати миллӣ мегузорад.

Хулоса, дар амалӣ гардондани ҳадафҳои стратегӣ нақши натанҳо сохторҳои давлатӣ, балки ҷомеаи



шаҳрвандӣ низ назаррас дониста мешавад. Аз ин бармеояд, ки мо шаҳрвандони ин сарзамин, дар амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар бояд ҳарчи худро гузошта, барои пешрафту шукуфоии он ҳисси масъулият дошта бошем. Зеро, дар сурати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ормонияти миллат ба даст меояд.

Меҳрубон КАБИРОВ
донишҷӯи соли 1

# САРХАТУ САРВАТУ САРМОЯИ ИНСОН ВАТАН АСТ...



**Шамсулло ХОЛОВ**
**донишҷӯи соли 1**

**Ало, эй ҳамватан шукри замину**
**ин замон фарз аст,**
**Ки ҷон додан барои марзу буми**
**ин макон фарз аст.**

Ватан вожаи бисёр муқаддас барои ҳар як фард дониста мешавад. Зеро, Ватан маконест, ки мо дар он чо ба дунё меоем, ба воя мерасем, аз обу донаш ҳамчун неъмати бебаҳо истифода мебарем. Барои мо Ватан – Тоҷикистон аст, ки дар домани кӯҳҳои сабзпӯш, оромию субот ва осудагӣ чашм ба олами ҳастӣ ниходем. Аз лаҳзаи ба дунё омадан, танҳо фазои оромию судагии онро эҳсос карда, дар ин шароити басо хуб таҳсил менамоем, дониш меомӯзем ва барои оиндаи Ватан нақшгузор мегардем.

Мо ҷавонон ифтихор мекунем, ки чунин давлату миллати обод, Ватани осоишта, дастархони пур аз нозу неъмат, таърих, фарҳанг, арзишҳои миллӣ ва мардуми меҳмоннавоз дорем.

Аз ин рӯ, ҳамеша шукри ин Ватан карда, немегузорем, ки пойи ноҳалафе ба хоки муқаддаси он гузошта шавад.

**Ҳама сар бар тан ба куштан диҳем,**
**Аз он беҳ, ки кишвар**
**ба душман диҳем.**

Мо ҳамеша ин гавҳари муқаддасро ҳар лаҳза, ҳар соат, ҳар дақиқа ва ҳар шабу рӯз ҳифз менамоем. Хизмат ба Ватан шарафи ҳар як марду фарди тоҷик аст. Хизмат ба Ватан ин хизмат ба Модар аст.

Бале, Ватан сарнавишту кисмати ҳар як инсон, модари мушфику меҳрубон аст. Дар шароити имрӯза мо ифтихор аз он дорем, ки ин осудагӣ, сулҳу субот, оромию амонӣ, меҳру муҳаббат, ки ҳамааш аз саъйу талошҳои падаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, насиби мо насли баландтолеи замони Истиқлолият гардидааст.




# 30 – ЛЕТИЕ СОЗДАНИЯ ВООРУЖЕННЫХ СИЛ



**Далер НАЗАРЗОДА**
**студент 2-го курса**

Сегодня обеспечение обороноспособности нашей страны остается важнейшей государственной задачей, а Вооруженные Силы служат надежной гарантией национальной безопасности, мирной спокойной жизни граждан стабильного поступательного развития страны. Итак, на празднования 30-ой годовщины дня Вооруженных сил остались считанные дни. В нем воплощены чувства уважения граждан к своим доблестным защитникам, гордости за всех кто служил и служить в армии, признания их героических заслуг перед Родиной в отстаивании его национальных интересов, суверенитета и независимости. Деятельность и достижения Вооруженных сил страны в течение 30 лет можно назвать плодотворным результатом деятельности нации по сохранению и защите каждого дюйма и частицы земли. Роль основателя мира и национального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в создании и развитии Вооруженных сил Таджикистана уникальна.

Вооруженные силы Таджикистана были созданы в то время, когда процесс обострения политической, экономической и социальной ситуации в стране находился в тяжелом и бурном состоянии, и они были созданы на пустом месте, с нуля.

В период государственной независимости Республики Таджикистан именно при непосредственной поддержке лидера нации, Верховного Главнокомандующего Вооруженными Силами Эмомали Рахмона и в рамках модернизации национальной армии сегодня во всех воинских частях и подразделениях Министерства обороны и других силовых структур страны созданы современные военные базы. Поэтому на основе мирной политики Главы государства и с полной уверенностью и доверием молодым таджикским военным, офицерам и солдатам-защитникам этих земель было подчеркнуто, что во времена ускоренной глобализации и возрастающих угроз и опасностей региона и мира военнослужащим ,а так же, каждому само сознательному лицу страны необходимо, как никогда, сохранить свою страну и нацию, границу предков и независимость своих уникальных 30-летних достижений от всех опасностей, а также с самоотверженностью и преданностью служить народу, Родине и Президенту .

# THE IMPORTANCE OF NATIONAL ARMY



**Muhammad MUQIMOV**
**Active member of the Youth Public Organization «Creators of Motherland» at Primary Executive Committee «Knowledge» of TNU**

Undoubtedly, National Army is considered amongst the most of significant state structures. A trustworthy and resilient army is the best example of country's safety territory and prosperous longevity, whereas unreliable one is totally vice versa. The Army is the powerful fighting force the main tasks of which is protection, strengthening and hardening state borders and so forth. Nowadays it is nearly impossible to imagine a country without National Army.

The Republic of Tajikistan as a part of world community with a great ambition and renowned potential is performing tremendous sense of responsibility, especially in the military sphere.

During our Independence era our National Army showcased and will always be our main priority in case of national and as well as international peace. Regrettably, after the collapse of USSR subsequently the Civil War broke out in Tajikistan and people witnessed one of the most notorious and massive destructions in our history. Luckily it was a productive effect of our National Army and great decision-making character of our President Emomali Rahmon that led to the delightful ending of the war. Despite poor budget and lack of modernized infrastructures and other military facilities at that time the Founder of peace and national unity- the leader of the nation Emomali Rahmon managed to control the situation properly and performed a genuine mindset.